*Раҳими Қубодиёнӣ*




*Теҳрон - 1999*

*Ба номи Он ки ҳастӣ офарид,*
*тоҷику Тоҷикистон офарид.*

*Ба шодии ҳазору садумин соли бунёди Давлати мардумиву фарҳангпарвари Сомониён.*
*(нигоранда)*

*Ба кӯдаке, ки духтар аст,*

*Духтаре, ки ҳамсар мешавад,*
*Ҳамсаре, ки модар аст, ё мешавад*
*Модаре, ки модарбузург аст, ё*
*мешавад,*
*Модарбузурге, ки набераву абераву*
*чабераҳои парвона дораду дарси*
*зиндагӣ*
*медиҳадашон.*

*Ба кӯдаке, ки писар аст,*

*Писаре, ки ҳамсар мешавад,*
*Ҳамсаре, ки падар аст, ё мешавад*
*Падаре, ки падарбузург аст, ё*
*мешавад,*
*Падарбузурге, ки набераву абераву*
*чабераҳои парвона дораду дарси*
*зиндагӣ*
*медиҳадашон.*

## *ФЕҲРАСТ*

*Пешгуфтор* ..............................................5

*Бахши якум: Зану Кӯдак*..............................7

*Бахши дуввум: Инсону Фарҳанг*..................29

*Бахши севвум: Тоҷикистону Миллат*...........62

## *Пешгуфтор*

Одам танҳо зиндагӣ намекунад; балки бо одамон, дар иҳотаи хонаву ҷой, чизу чора, гулу гиёҳ, дарахтону ҳайвонот басар мебарад; дар муҳити ҳодисоту воқеот, масоили ҷомеа, андешаву хаёлот ғарқ мебошад...

Андешаву хаёл...

Кас наметавонад бидуни андеша зинда бошад; магар фалакзадагон.

Зистан – яъне андеша рондан аст, майна об кардан аст. Оғози андеша рӯшан нест, аммо анҷомаш – ҳамзамон бо марги инсон аст. Мегӯянд, ки андеша пас аз марги инсон ҳам зинда мемонад, то салоти ҷаноза. Ва аммо бояд пазируфт, ки гоҳе пеш аз худи инсон ҳам мемирад.

Инсон шаб, яъне ҳангоми хоб ҳам, дар муҳити андеша ғарқ аст. Хоббинӣ худ гувоҳе аз кори бардавому пайвастаи мағз аст.

Таноб, ҳатто як риштаи оддӣ, аз чанд тоб иборат аст, чиз шаш ҷиҳат дорад, дарё аз даҳҳо чашмаву рӯдхона фароҳам меояд, дар ҳар масъала чандин роҳи ҳалл мавҷуд мебошад.

Ва дар шоху барги ҳар яке аз инҳо метавонад саду як мурғи андеша лона дошта бошад.

Андеша аз пушти андеша; андеша аз рӯи андеша; андеша ба поёни худ нарасида андешаи дигар...

Андеша нодурусту дуруст, хому пухта, расову норасо, ноқису комил... мешавад. Каси солим ҳамеша мекӯшад, то андешааш дурусту пухтаву расову комил бошад. Вай мекӯшад бештар хонаду шунавад ва камтар нависаду гӯяд, чаро ки ду чашми бинанда дораду як дасти нависанда ва ду гӯши шунаванда дораду як даҳони гӯянда.

Беҳбудии ҷомеа, пешравии кишвар, осудагии одамон -- бо як сухан: шукуфоӣ -- ба тарвиҷу таҳкиму рушди андешаҳои дурусту пухтаву расову комил бастагӣ дорад.

Ҳар касе ба андеша ҳақ дорад. На танҳо ҳақ дорад, балки бояд ҳам андеша ронад. Ҳар гуна андешаро ҳам бо таҳаммул гӯш додан воҷиб аст. Ҳатто андешаҳои нодурусту хомро. Агар шабро таҳаммул накунанд, ба рӯз чӣ гуна бирасанд? Агар хомро нашиносанд, аз куҷо донанд, ки пухта чӣ маза дорад?

Ва аммо...

Имкон дорад, (ҳатто: ҳатман) пораҳое аз ин дафтар писанд намеояд. Ва дар он сурат барои андохтани санги маломат нашитобанд: ба тани кас на ҳар либос рост меояд, ба мизоҷи кас на ҳар хӯрок мефорад. Пӯшоку хӯрок ба фаслу замон бастагӣ доранд, ҳатто ба саломати тан ҳам...

Инак, "Саду як андеша" – дар бораи се рукни ҳастӣ: ҳастии Зан бо Кӯдакаш, ҳастии Инсон бо Фарҳангаш, ҳастии Тоҷикистон бо Миллаташ.

Раҳими Қубодиёнӣ
Эрон – Тоҷикистон -- Эрон
1996 -- 1999

***Бахши якум:***

# *ЗАНУ КУДАК*

<u>*Шаҳомат.*</u> Хасеву чаноре равон буданд. Хас, бо ин ки хас аст, як қадам пештар мерафт.

Чанор, бо ин ки чанор аст, на танҳо аз хас пеш намегузашт, балки аз канораш, як қадам пойинтар гом бармедошт.

Шаҳомат дошт хас! Ангор, хас — чанор асту чанор — хас.

Пешин – модар асту шаҳоматро дода; пасин — писар асту онро пазируфта.

<u>*Адаб.*</u> Бача ба дунё овардану ниҳол сабзондан -- якест.

Ниҳол, то парвариш набинад, ба камол нарасад; бо дарахте беҳтар аз худ пайванд нахӯрад, ҳосиле дилхоҳ надиҳад.

Бача, то парваришe шоиста набинад ва аз одобу фарҳанг баҳраманд нагардад, инсоне судовар нашавад.

<u>*Ҳазён буд?*</u> Устод бемор буд. Лаҳзае хобаш бурд. Ва хобе ширин меҳмон шуд. Нохудогоҳ гуфт:

-- Ҷонам, туро дар мағзи андешҳоям пинҳон кардаам, ончунон ки ҳеҷ кас наметавонад пайдот кунад...

Занаш, ки дар наздаш нишаста буд, даст ба пешонй бурд. Мардаш чашм боз кард:

-- Гап задед.

-- Чи буд?

-- “Ҷонам... дар мағзи андешаҳоям...”

-- Оре, ҷон дар андеша аст, андеша, ки аз кор монд, ҷон ҳам меравад... Оне, ки андеша надорад, ҷон ҳам надорад... мурда асту мегардад... Занаш чизе нагуфт, ангошт: ҳазён мегӯяд.

*Он гиря... ё...* Зокиру Шокир баҳс аз вафо доштанд.

Зокир ба ёд овард:

Он гиряи зан ба марги шавҳар
Бошад зи фироқи шӯйи дигар.

Шокир ҳам ба ёд овард:

-- Яке аз дӯстонам аз ҳамсараш маҳрум шуд. Ҳангоми дафни вай дар гӯшае рост меистод; дастҳо дар бағал; ва ҳеҷ осори андӯҳ дар чеҳра. Наздаш рафтаму тасаллӣ гуфтам. Шухӣ ҳам кардам, оҳиста:

-- Ба андеша рафтӣ, ки аз миёни чандин номзад кадомашро хостгори кунӣ?

Базӯр табасссумро нигаҳ дошту гуфт:

-- Аз куҷо фаҳмидӣ?

*Ҷуфти гов.* Зану шавҳарро "ҷуфти барзагов" гуфтаанд.

Ин, шояд бадон маънӣ бошад, ки агар ҳар ду гов юғро баробар ва ба як сӯи маълум кашанд, замин шудгор мешавад ва дар он ҳар чизи дилхоҳро метавон кишт. Вале агар ба тарафҳои мухолиф кашанд, замин на танҳо шудгор намешавад, балки хароб ҳам мегардад.

Ва аз эҳтимол дур ҳам нест, ки дандона харпайи яке, ҳатто ҳар дуро бибуррад.

*Сипос аз бахт.* Ҳангоми бачагӣ ҳамаи корҳои хӯрду хӯроку пӯшокро модари

меҳрубонам Биби Зайнаб ва хоҳарони бузургам Муаззама ва Ҷамила анҷом медоданд. Дертар хоҳари меҳрубонам Салимабону ба кӯмаки модар омад. Пас, ҳамсари меҳрубонам Саодатбону ва пас аз чанде духтарони меҳрубонам Манижабону ва Ситорабону ба ёрии модарашон расиданд. Ва акнун (дар соли 1997/1376) набераҳои меҳрубонам: Оноҳитоҷон ва Вежаҷон бо муҳаббати тамом хӯрок мепазанду либосамро мешӯянд, ҳатто ба корҳои коғазу қалам ёрӣ медиҳанд.

Гумон намеравад, гуворотар аз ин бахт ҳам давлате бошад.

Ва аммо хидматҳои ин меҳрубононро ҳанӯз баҷой наовардаам. Ва гумон аст, ки замоне ҳам баҷой оварда тавонам.

Умедам ба писарону бастагони дигарам: агар онҳо ба қадри модару хоҳар, ҳамсару набераҳои худ бирасанд, метавон гуфт: хидматҳои меҳрубонони маро ҳам баргардонидаанд.

*Сояи боли падар.* Панду раҳнамоиҳои падарро тоб надошт. Танбеҳи уро бадтар аз аҷал медонист.

Озодӣ мехост.

Ва озод шуд.

Ҳанӯз падар зинда буд, ки озод шуд.

Ҳангоме офтоби зиндагӣ дар тобайи рӯзгор бирён мекард, дар суроғи сояи боли падар шуд.

Аммо падар акнун набуд: пеш аз аҷал рафта буд; аз ин ҳасрат, ки натавонист фарзанде дуруст парвариш кунад.

***Ваҷҳи иштирок.*** Сар дар осмони ҳафтум дошт:

-- Абдуқаҳҳори мо ҳам ба мисли писарони Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ пандношунав ва гапногир шудааст...

***Бегонатар аз бегона.*** Агар худӣ бегона гардад, бегонатар аз бегонагон мешудааст.

Ман инро аз писарам донистам.

Панҷ сол дар Хоразм буд. Дар чанд солу моҳ як бор омад, на ҳол гуфту на аҳвол пурсид.

Чашмдор будам, ки чунончи мепурсад: "Танат дард дошт, чи шуд?", "Чаро он бепадарро рондӣ ва ин ду бегуноҳро бепадар кардӣ?", " Масъалаи мадрасаи хоҳарзодаҳоям то куҷо расид?", "Чӣ навиштаӣ ва чӣ кор кардӣ?", "Хоҷа Аҳрори Валӣ"-ро хондам (ва ё ҳанӯз вақт пайдо накардаам)"...

Ҳарфаш ҳамин дутост, ба як таъна : "Духтаратон бо ман даъво мекунад, раводид чаро дер расид, ки ман даҳ рӯз дар Ишқобод мондам..."

Шунида будам, ки "бегона агар дӯст гардад, худитар аз худӣ хоҳад шуд".

Аммо аксаш ҳам будааст.

***Корди кунду бедаста.*** Шогирди дерин пеши Устоди пешин гила аз писар бурд:

-- Монанди кордест кунду бедаста; агар хоҳам зӯран ба кор барам, ҳам дастам обила мекунад ва ҳам дами корд мепарад...

Устод гуфт:

-- Корд аз филизу обу оташу сандон, ба дасти усто сохта мешавад; корди одам, аз модару падар ва наздикону замон, бо дасти

зиндагӣ сохта мешавад; танҳо сӯхтани оташ суд надорад...

***Шох***. Ду мард баҳс дошт; яке солхӯрда, дигаре ҷавонтар:

Солхӯрда:

-- Шохи бачаро бояд шикаст, то шохзан нашавад.

Ҷавонтар:

-- Шохи бачаро шикананд, нони даҳонашро мегиранд.

Вай ҳамабин асту ин худбин.

***Бачагӣ.*** Устод аз дарди ҷонкоҳ сухан мегуфт. Дарде, ки дармонаш танҳо дар дасти якест. Ва аммо вай майли дармон бахшиданро надорад:

-- Миёни ману писарам носозӣ хона мондааст; ҳар чӣ мегӯям, аксашро мекунад; чун муваффақ намешавад, муқассир маро медонад. Пас, гунаҳкор, дарвоқеъ манам; ин гуноҳ то даме дар гарданам бор хоҳад буд, ки гӯяд: "бачагӣ аз ман буд..."

Ҳасрати дили падар ҳамин аст:

-- Ин суханро мешунида бошам?..

***Ҷои сухан.*** Падарам (ҷояшон ҷаннат бод!) мегуфтанд:

-- То мапурсанд, магӯ: замин шудгор нашавад, тухм намепошанд; агар гӯш накунанд, хомӯш бош: бо мурдаю хуфта сухан намегӯянд;

-- Даҳон кӯза аст, кӯзаи асал ва ё заҳр: бояд донӣ, ки дар куҷо мерезӣ.

-- Пеши бузурге, пас аз салом, лаб бибанд: мева пас аз гул, то аз навозиши офтоб наболаду нарасад, бӯй намедиҳад...

*Ҳуқуқи кӯдак.* Агар умри одамӣ ҳам чор фасл аст;

Агар кӯдакӣ ҳамсанги зимистон аст;

Агар худро мутобиқ бо шароити зимистон менамоем;

Пас, чаро мекӯшем иродаи худро бар дӯши кӯдак бор кунем?

*Ҷуфт.* Устод пурсид:

-- Чаро худованд паррандаро болотар аз ҳар махлуқи дигар ҷойгоҳ додааст? Аз авҷи осмон?

Худ посух дод:

-- Чунки парранда амири нафси худ аст ва бо як шикам хӯроку як ҳамсар қаноат кардааст.

Боз:

-- Чаро абрро аз он ҳам болотар, Офтобу Маҳтобу ситорагонро аз ҳама боло ҷой додааст?

-- Барои он ки онҳо ҳама мебахшанду мебахшанд, чизе тамаъ надоранд.

*Садои ду даст.* Гуфтаанд, ки хонадон ба киштӣ мемонад, дар дарёи зиндагӣ; ва мард - нохудову зан - фармондор.

Ин бад-он маънӣ буда, ки агар нохудо самтро ғалат нишон гирад, киштӣ ба манзили мурод намерасад; ва агар фармондор чанбари фармонро бо майли худ тоб диҳад, киштӣ бар сахра хоҳад хӯрд.

*Об аз сар лой...* Модар норохат буд, ки арӯсу писару духтараш сагу пишаканд.

Вай намедонист, ки гӯлахӣ худаш буд.

Агар айбашонро ғайбат намекарду мепӯшид, ва бар ҳуснашон мекӯшид, шояд ширу шакар буданд.

*Ятим.* Шогирде шаккок Устодро дар бораи худо пурсид.

Устод дандон ба дандон гирифт, ба андеша рафт. Пас ба худ омаду пурсид:

-- Ту ки 15-16 сол дорӣ, худой накарда, падарат даргузарад, чӣ мешавад?

-- Ятим мешавам.

-- Ятимӣ хуб аст ё бад?

-- Хуб аст... аммо бад ҳам ҳаст.

-- Чи хуб аст ва чи бад аст?

-- Хуб аст, ки озод хоҳам шуд... бад аст, ки аз нондеҳ ва пуштибон маҳрум мешавам.

-- Агар ҳар дуро дар тарозу баркашем, кадомаш вазнинтар аст?

-- ...

-- Намедонӣ. Ва ё иқрор кардан намехоҳӣ... Он ки "озодӣ" мегӯӣ, дар асл "беназмӣ" аст. Яъне, худой накарда, падарро аз даст диҳӣ, ҳам нондеҳро гум мекуни, ҳам низоми зиндагиро, яъне ки роҳатро гум мекунӣ... Ҷомеа ҳам айнан монанди туст: ҳам нондеҳро гум мекунад, ҳам низому роҳашро; яъне, ки фардои норӯшану нохуше хоҳад дошт.

*Соҳили назм.* Устод мегуфт:

-- Агар бар арзиши назму тартиб қоил нестанд, ду то соати яксони меконикӣ биҳаранд

ва якеро дар вақт-вақташ пур кунанд, дигареро дар ҳар вақт, ки пеш омад.

Агар кори ҳар ду соат яксон муназзам буд, ва ё дуввумӣ аз якумӣ муназзамтар буд, шумо ҳам тартибро раҳо кунеду сарро ба кӯи бенизомӣ занед.

*Якеро дар пеш...* Агар кӯдак пӯшоки калонсолро пӯшиданӣ шавад, ханда дораду ширин аст.

Чаро ки фардо метавонад бипӯшад.

Агар калонсол пӯшоки кӯдакро пӯшидан хоҳад, гиря дораду талх аст.

Чаро ки дигар наметавонад пӯшад.

*Бӯи замин.* Боғбоне шохаҳои дарахтонашро санг баста ва ба замин расонида буд.

Гуфт:

-- Аз бӯи замин, яъне модараш, маст шавад, самар бештар медиҳад.

Афзуд:

-- Монанди он ки ҳар фарде азизи модар буда ва аз меҳру навозишҳояш шодоб гаштааст, босамартар аст.

*Ҷунбиш...* Ҷунбиши рагаҳои мағз аст, ки дасту пои бачаро ба ҳаракат меоварад.

Падару модари дурандеш пеши ин ҷунбишу ҳаракатро намегиранд, балки ба роҳи дуруст ҳидоят менамоянд.

*Ҷунбиши пайваста.* Устод ба роҳҳои умрдарозӣ нигоҳ мекард; ва аз ҷумла мегуфт:

-- Агар мардон хоҳанд, ки чун бонувон умри дарозе бубинанд, бояд ба равиши кории пайваста ва ҳисобшудаи ҳаррӯзаи онон пайравӣ намоянд.

***Ё бор аст, ё боркаш.*** Устод дар ҳалқаи шогирдон аз фаслҳои умри инсонӣ сӯҳбат дошт:

-- Мегӯянд, ки фаслҳои умри инсонӣ чаҳор аст, аммо онро ба се давра метавон ҷудо кард:

1- даврае, ки даст бар сар намерасад;
2- даврае, ки даст бар сар мерасад;
3- даврае, ки боз ҳам даст бар сар намерасад.

Устод тавзеҳ мекард:

-- Инсон дар давраи якум бор аст, барои падару модар, бародарону хоҳарони бузургу наздикони дигар; дар давраи дуввум бор мекашад, бори бузургону хурдони худро; дар давраи саввум боз ҳам бор аст, барои фарзандону наздикони дигари худ.

Устод сари ин нукта ҷалби таваҷҷуҳ мекард, ки: инсон ду бор бор асту як бор боркаш, ва дар ҳамин як бор бояд, ки ду борро кашад. Вай ин маъниро бештар таъкид мекард:

-- Агар боркаш вазифаи худро хуб анҷом дода бошад, бори худаш дар роҳ намемонад, вале агар...

***Душманӣ аз нодонӣ.*** Устод ин ҷаҳонро ба хона монанд мекард: яке ҳамеша дар паи оростану таҷҳиз ва таъмири он аст, дигаре парвое надорад, саввумӣ мех мезанад, дару

тирезаро мекӯбад ва боз мегузорад, ҳатто касифу начис мекунад...

Устод худ месӯхту мегуфт:

-- Якумӣ оядагони худро дуст медорад, ғамашонро мехӯрад, мекӯшад, то барояшон хонаи гарму эмин боқӣ гузорад: дуввумӣ ҳеч парвои оядагонашро надорад ва сарпаноҳе ҳам намегузорад; севвумӣ, шояд худаш ҳам огоҳ нест, душмани оядагонаш ҳаст, хонаро барои онон дар ҳоле боқӣ мегузорад, ки бар сарашон фуру хоҳад рехт.

*"Зиндагӣ пеш меравад?"* Устод пеши шогирдон аз пайванди падару писар сухан мегуфт, ва аз худ мисол меовард:

-- Синнам ба умри падарам наздик шудааст ва ҳануз ҳам меомӯзам, ки раҳматӣ чӣ доштанду ман надорам? Рӯшан шуд, аз шумори он чи он бузургвор доштанду ман надорам, яке истиқлол бахшидан ба фарзанд будааст: дар навчавонӣ иҷозат медоданд, кӯҳ, барои тамошо биравам, аз лаби дарё (рӯдхона) ҳезум биёварам, хонаи холаам ва тағоям, ки даҳ километру сӣ километр фосила дошт, меҳмон шавам, дар бозор ангур ё муруд ё мост фурӯшам... Албатта, он ҳама аз тақозои зиндагӣ ва рӯзгор буданд; ва падарам худ аз дур назорат мекарданд; ва аксар бо худ бародарам ва ё дӯстамро ҳамроҳ доштам. Аммо муҳиммаш ин будааст, ки бо ҷойҳои нав ошно мешудаам, дар ҳалли мушкилоти хурду оддӣ сабақ меомӯхтаам; сабақҳое, ки баъдҳо лозим мешудаанд... Аммо ман писарамро, агар кӯҳ ва лаби дарё мехост, худам мебурдам, агар коре дар бозор дошт, ҳамроҳаш мерафтам... Чун худамро бо падарам муқоиса мекунам, мебинам, ки падари кишоварзам, бо он ки чашми хондан надоштанд, аз мани устод донотар будаанд.

Устод бо дарду ҳасрат пурсиданд; пурсише, ки посух надошт:

-- Агар писарон аз падарон донотару тавонотар नабошанд, зиндагӣ пеш меравад?..

***Илми асосӣ.*** Устод аз илми асосӣ сӯҳбат мекард. Мегуфт:

-- Илми асоситарин дар зиндагӣ яке аст, ва зиҳӣ саодати қавме, ки ҳама аҳлаш онро бидонанд! Ҳар касе ин илмро донад, лоақал пеши пои худро рӯшан карда ва рисолаташро ба андозае ба иҷро расонда метавонад. Надонистани илмҳои дигар, чандон боке надорад, чаро ки боқӣ, ҳама – фаръӣ аст.

Ва он илми асосӣ -- донистани он аст, ки: Худ кистӣ? Аз куҷо омадаи? Дар куҷо истодаӣ? Куҷо равонаӣ? Ва боястӣ куҷо биравӣ?

***Теғи ошиқӣ.*** Вай занҳо дошт. Қаноат намекард ва аз паи хушдорон буд. Ба сарзаниши дӯстонаш мегуфт:

-- Ҳасад набаред, нофи маро бо теғи ошиқӣ буридаанд...

Ҳанӯз пир нашуда, танҳо монд: хушдоронаш нигоҳ намекарданд, занонаш ба дил дур буданд, фарзандонаш ҳавоӣ.

Яке аз дӯстонаш, ки шиораш ин буд: “Як дил дорам, бас аст як дилдорам; як дил ду нашуд, накӯ шуд, ки нашуд”, гуфт:

-- Кӯр шав, маслиҳатро ғараз донистӣ.

***Қудрати зан.*** Қудрати занро назарашон намегирифт: “пойшикаста”, “паршикаста”, “оҷиза”...

Аммо дар замони "ҷанги дохилӣ", ки мардон мурда ё гурехта ва ё дар таҳхона пинҳон буданд, зан қудрати худро нишон дод: на танҳо ба кӯча, балки ба бозор ҳам баромад, на танҳо ба шаҳр, балки ба кишварҳои бегона ҳам рафт. Вай чиз оварду чиз фурӯхт, сангро ба кулӯх зад ва кулӯхро ба санг, то бастагонашро хӯронаду пӯшонад.

Он ки дирӯзро дидааст ва имрӯзро мебинад, фардо набояд гӯяд: "пойшикаста"...

<u>*Айб дар мош...*</u> Раҳмати модар аз қавли модаркалонашон Бибисоро мегуфтанд:

-- Агар духтар каҷ рафт, пои модарро бояд шикаст; агар писар беадаб шуд, падарро бояд ба маҳкама кашид.

<u>*Такопӯ.*</u> Мавзӯи дарси Устод такопӯ буд.

Агар аҳамияти такопӯро бо як сухан гуфтанӣ бошем, он калима "зиндагӣ" хоҳад буд. Яъне чун такопӯ ҳаст, зиндагӣ ҳаст, ва чун такопӯ сокит шуд, зиндагӣ ҳам боз мемонад.

Устод хост моҳияти мавзӯъро дар мағзи устухони шогирдонаш ҷой диҳад:

-- Касоне, ки бахту иқболи хуш насибашон хоҳад шуд, ҳанӯз ба дунёи рушан наёмада, ба такопӯ оғоз мениҳанд...

Шогирде, ки кунҷковии зиёд дошт ва сабр камтар, тоб наёвард сухани устод ба поён расад:

-- Чи тавр инсон ҳанӯз ба дунё наёмада такопӯ мекунад?

Раҳматӣ модарам ба арӯсу духтаронашон мегуфтанд: ҳангоме гумондор шавед, то чаҳор панҷ моҳ, ҳар чи мехоҳед, бикӯшед, то серой

бихӯред, ва чун панҷ моҳ шуд, хӯрданро камтар кунеду ҳаракатро бештар, ба андозае, ки дар нӯҳмоҳагӣ тамоман кам хӯреду аз ҷунбиш ором надошта бошед...

Ҳикмат ин ҷо будааст, ки тамоми аъзои бадани тифл то панҷмоҳагӣ шакл мегирифтааст; вай эҳсоси гуруснагӣ мекардааст ва аз нарасидани ғизо ҳайрон мешудааст. Ва ҳамин эҳсоси гуруснагӣ тифлро ба такопӯ меовардааст ва аз ҷумла бофтаҳои мағзи ӯро; ва торҳои мағз ҳамеша дар ҷунбиш мешаванд, яъне ки пайваста инкишоф меёбанд... Аз сӯи дигар, ҳангоми зоймон, модар азоб намекашад ва кӯдак ҳам бо хатаре рӯ ба рӯ нашуда, бардам ба дунё қадам мемонад...

Устод афзуд:

-- Худатон аз мушоҳидаи ошноёну шиносон ин натиҷаро таъйид кунед, ки ҳар касе бештар такопӯ мекунад, дар ҳар ҳол саодат дар канор дорад.

<u>*Агар падарат хук аст...*</u> Устод аз ҳувияти шикастаи падар ва оқибати вазнини он сӯҳбат дошт.

Ҳамагон бояд бидонанд. Ҳамагон, бидуни истисно.

Балоро бар сари мардум ҳамеша бепадарон овардаанд.

Ин бор низ ҳамонҳо овардаанд.

Аслан "бало" худи бепадаронанд.

Касе бепадар ба дунё намеояд. Ин маълум аст.

Аммо вақте ин падар фарзанди худро тарбият карда наметавонад, вай номи балохези "бепадар"- ро мегирад.

Агар бовар надоред, аз падарони он касоне, ки имрӯз соҳиби унвонҳои машҳури: "силоҳдор", "боевик", "букқа", ва ... мебошанд, пурсед: Оё унвону кирдори фарзанди худро announcement мерисанданд?

Нахоҳанд писандид. Агар худ аз ҳамон тоифа нестанд...

Мардум, на аз таваккал, балки аз натиҷаҳои талхи таҷрибаҳои фаровони таърихӣ гуфтааст: "Агар падарат хук бошад, хукбони кун".

Маънии ин ҳикмат он аст: худдонамӣ накунед, он чи падар мефармояд, ҳамонро иҷро кунед!

*__Устод.__* Азизе пурсид:

-- Ин "Устод" шахси воқеист?

-- Оре, воқеист... Аммо умумӣ ҳам ҳаст, фарди мушаххасе нест... Оё касбеву кореву ҷое ҳаст, ки бе устод пеш рафта ва обод шуда бошад?.. Нест... Ҳатто duздиву одамкушӣ ҳам устод дорад... Он ҷой ки Устод ҳаст (на "устод"-и одди) ва уро гиромӣ медоранд, яъне маслиҳаташро ба кор мебанданд, он ҷой гул хоҳад кард.

*__Иқрор.__* Пире дар тирамоҳи умри худ пеши ҷуфташ гила кард:

-- Агар ҳамболи ман будӣ, парвозамон дуртар буд...

Пиразан бори нахуст сар поин андохт ва ба сукут рафт; ва пас аз замоне лаб кушод:

-- Аз куҷо донам... шабе, ки таҳи чодар рост карданд, ёдам доданд, ки нахуст поятонро пахш кунам, то забондароз бошам... аксашро ёд надоданд...

21

## *Пурсупос бо Устод*

*1*

-- Ҷонам, мехоҳам, як бор ҳам бошад туро аз мағзи андешаҳоям берун кашам, рӯ ба рӯям биншонаму пӯзиш хоҳам: овораву саргардонат кардаам, ҷой дар зиндонат додаам...

-- Намешавад; магар намегуфтӣ, ки ҷону андеша якеанд, ва яке бе дигаре наметавонад бошад...

*2*

-- Устод, агарчи калонсолтарам, пурсише доштам.

-- Бифармоед, мо ҳама шогирдем, устод - Рӯзгор аст, Зиндагӣ аст.

-- Набераҳо гоҳеончунон азиятам мекунанд, ки раҳ дар худ намеёбам.

-- Он гоҳ ба ёд оваред, ки ин чӯҷаҳо аз худатон ҳастанд ва ноз бо шумо мекунанд. Азияте бедаво он аст, ки худой накарда, ё шумо набошед, ё онҳо.

*3*

-- Агар ғалат нашунидам, фармудед, ки инсон бояд болотару фаротар аз худ бошад. Оё мумкин аст?

Дуруст шунидед. Ман бар онам, ки инсон метавонад ва бояд болотару фаротар аз худ қарор бигирад. Мавридҳое пеш меояд, чунончи кӯдакро танбеҳ мекунед ва ё бо касе даргир мешавед, яъне ки дар ҳоли асабоният ҳастед. Агар тавонед, ки ба ин мулоҳиза роҳ диҳед: касе дигар ба ҷои ман буд, чӣ кор мекард? -- маълум, ки худро аз берун арзишёбӣ кардед, ва барои тасҳеҳи рафторатон хоҳед

кўшид. Маънии “аз худ болотару фаротар будан” ҳамин аст.

-- Ва ин, лоақал, се нафъ хоҳад дошт: ба ноҳақ зулм намекунед, ҳаққатон ботил намешавад, дар банди асабоният намемонед.

*4*

-- Зан авлотар аст? Ё мард?

-- Занро барои мард офаридаанд ва мардро барои зан; яке бе дигарӣ наметавонад бошад, монанди пушту рӯи гул, ки ҳар ду яке аст.

*5*

-- Зан зӯртар аст, ё мард?

-- Инро аз худашон пурсед: ки пеши ки зорӣ мекунад?

*6*

-- Чаро баъзеҳо ду-тоиву се-тоӣ, ҳатто чаҳор-тоӣ зан мегиранд?

- Чунки саманди нафсро ҳар мард наметавонад зин кунад.

*7*

-- Чаро мард метавонад чанд зан бигирад, аммо зан наметавонад чанд шавҳар дошта бошад?

-- Чунки зан чароғ аст, яъне рӯшангари як хона.

*8*

-- Оё ин гуфта дуруст аст:

Аспу зану шамшери вафодор кӣ дид?

-- Инро мардон гуфтаанд. Аммо занон ҳам метавонистанд бигӯянд:

Марди вафодор кӣ дид?

Агар нагуфтаанд, нахостаанд забондарозӣ кунанд.

*9*

-- Чаро модар меҳрубонтар асту падар камтар?

-- Аммо ман гумон мекунам, ки ҳар ду, ду пораи як корро анҷом медиҳанд: ҷойнишин парвариш мекунанд -- бо ин тафовут, ки яке бо имрӯзи вай машғул аст ва дигарӣ дар пайи фардои ӯст. Азбаски одамизода шири хом хӯрдааст, ҳамин имрӯзашро мебинад ва фардоро ҳавола ба худо мекунад.

*10*

-- Бепадар метавонад ислоҳ шавад?

-- Метавонад, агар чашм кушодаву айби худро дида тавонад ва пайи ислоҳаш бикӯшад.

## *Аз ҳошияи дарсҳои Устод*

*1*

Бача "бача" асту намедонад: он донише, ки мегирад, барои фардои худи ӯст; агар медонист, падар ва муаллимашро хуни ҷигар намекард.

*2*

Баъзеҳо "бачагиро"-ро солҳои баъд ҳам давом медиҳанд; дар давраи донишҷӯӣ, ба ҷои донишҷӯӣ, роҳи азияти устодро меҷӯянд.

*3*

Бачае, ки сангро ба кулӯх намезанад ва рӯзе ҳазор суол намедиҳад, фардо ба пои худ истода наметавонад.

*4*

Агар аз даҳони кӯдак “хар” ё “саг” баромад, сарзаниш накунед, ба беҳи бинитон нигоҳ кунед: замоне ин ҷонварон аз даҳони худатон баромада, бо дарвозаи гӯши кӯдак даромада, ва акнун аз даҳонаш берун меоянду ба сӯи худатон ҳаракат мекунанд.

*5*

Дунёи Ғарб хеле ақибмонда аст... Донишмандони омрикоӣ акнун кашф кардаанд, ки инсон, агар ҳамроҳ бо фарзандон ва наберадо басар мебарад, умри бештар хоҳад дид... Дар ҳоле, ки гузаштагони мо садҳо сол пеш ин назарияро дар амалия татбиқ карда буданд, яъне ҳамроҳ бо авлоди худ мезистанд.

Ва аммо дар Ғарб аҳамияти дигари ин корро, аз афташ, ҳанӯз пай набурдаанд. Аз ҳамзистии якҷоя, на танҳо бузургсолон, балки насли ҷавон низ суд мебаранд: агар бузургон аз рафтору кирдору гуфтор ва шодобии бачагон ҷони худро об медиҳанд, торҳои пажмурдаи рӯҳи худро аз нав зинда мекунанд, бачаҳо аз хираду таҷриба ва тамкини бузургон баҳраманд мешаванд, одобу рафтору гуфтор меомӯзанд ... Бо як сухан, зиндагӣ меомӯзанд... Аз бачаҳое, ки дар канори бобо ва бибии худ тарбият шудаанд, парвариши шоиста ёфтаанд, на танҳо наздикон, балки ҷомеа, нағзиҳо дидааст.

*6*

Хонадон — занҷир аст, ва насле – ҳалқа дар он. Агар насле нощуд шавад, ҳалқа дар занҷир занг зада ва пӯсидааст; ва занҷир дигар наметавонад вазифаи худро адо кунад.

Занҷири зангзада, оҳанпора асту бас. Агар қисматаш баландӣ кунад, аз нав обаш мекунанд. Аммо ин кор замон мехоҳаду заҳмат.

*7*

Агар бузургон натавонанд хурдонро аз пушти худ бибаранд, хурдон бузургонро капола хоҳанд кард.

*8*

Агар падару модар бачагиҳои фарзандонашонро намеписанданд, сабаб ин аст, ки худ бачаи дирӯзаанд ва бачагӣ ҳанӯз дар димоғашон нишастааст.

Агар падарбузургу модарбузург аз бачагиҳои набераҳояшон дилхуш мешаванд, сабаб он аст, ки худ бачаи парерӯзаанд ва аз бачагӣ дар димоғашон чизе намонда ва хумори он мегирад.

*9*

Агар ҳайсияти мардро занаш шикаста бошад, фарзандаш онро поймол хоҳад кард.

Зан гумон накунад, ки пули обрӯй барои худ сохтааст: онро шикастааст.

Агар андешаи падарро фарзанди якум зери пой гузошта бошад, фарзанди дуввум кори ӯро идома хоҳад дод.

Фарзандон гумон накунанд, ки барои худ нардбон сохтаанд: ин зина ба ҷарӣ аст.

*10*

Агар бонуи хонавода калони хонаводаро "ту" гуфт бачаҳо "шумо" нахоҳанд гуфт.

*11*

Агар калон ва бонуи хонавода арӯсро бо номаш хонанд, бачаҳо низ номашро ба забон мегиранд.

*12*

Гоҳе бачаҳо бар падару модар дуруштӣ мекунанд.

Онҳо ё одоби меҳмондориро намедонанд, ва ё намедонанд, ки падару модар ҳам меҳмонанд.

*13*

Шохи кӯдакро шикастан дуруст нест.

Онро ҳидоят бояд кард, то дар муқобили дурӯғу бедодиву торикӣ равона шавад.

*14*

Боли кӯдакро буридан хуб нест. Онро парвариш бояд кард.

Инсон, агар бол надорад, аз ҷӯю ҷарии зиндагӣ чӣ тавр мегузарад?

*15*

Баъзе аз инсон пораи бештар аз умри худ: то панҷоҳсолагиро ба осониву зудӣ мепаймояд. Чаро ки муҳаббат ва пешрафтҳои фарзанд нерӯи парвоз мешавад.

Инсон пораи камтаре аз умри худ: пас аз панҷоҳсолагиро бо душвориву дурудароз мепаймояд. Чунки дуруштиҳо ва нокомиҳои фарзанд занҷири по мешаванд.

*16*

Тоифае имрӯзҳо мусобиқаи зангириро хеле ҳам гарм кардаанд; агар ду зан доштанд, севвумашро гирифтанд, агар се-то доштанд, чорумашро...

Мегӯянд, ки бисёре аз мардону ҷавонон ё кушта шуданд ва ё фирор карданд, ки дар натиҷа зан дар кишвар зиёд шудаву мард кам.

Дуруст мегӯянд, тамоман дуруст.

Аммо пурсиш ин ҷост, ки: чаро бева намегиранд, то ятимонро соҳиб шаванд, балки

духтарони дувоздаҳу сездаҳсоларо мегиранд, ки соҳибонашон дар пешанд?

Гуфтаи Мавлавӣ ба ёд меояд:

Шаҳвати дунё мисоли гулхан аст,
Ки аз ӯ ҳаммоми тақво рӯшан аст.

*17*

Кӯдак оташу об аст.

Агар донист а, заҳматашро кашидед, хоматонро хоҳад пухт, боғатонро шодоб хоҳад кард.

Вале, агар надониста заҳматашро кашидед, ва ё умуман бепарво шудед, хоматонро хоҳад сӯхт, боғатонро ҷое беоб монда ва ҷои дигарро обгазӣ хоҳад кард.

*18*

Ҷавон, ҳангоме сухани бузурги худро мешиканад, намедонад, ки ҳамин рӯз фардо ба сари худаш ҳам хоҳад омад.

Агар медонист, бо ҷону дил мекӯшид, то ҳувияти бузургашро накоҳад.

*19*

Баъзе аз фарзандон ба он шохаи дарахт мемонанд, ки аз девор берун рафта, ва меваашро хом ё пухта, ҳамсоя мехӯрад, ё раҳгузар, ва ё ҳайвон.

*20*

Хонадонро "биҳишти мард" донистаанд.

Ин биҳиштро зан месозад.

Ва аммо ин шарофатро на ҳар зан дорад.

*21*

**Падару модарро чунин фарзанд ҳам насиб мекунад, ки худро бояд бихӯранд, то вай одам шавад.**

**Гоҳе падару модар худро дареғ медоранд.**

**Ва фарзанд одам намешавад.**

*22*

**Гумроҳии фарзанд аз худхоҳии падару модар аст.**

*23*

**Фарзанди нағз шафтолуи ширипдона асту фарзанди бад ба бодоми талхдона мемонад.**

*24*

**Оғози назму тартиб аз дарун аст. Ва аз бачагӣ.**

**Ҳар ки дарунаш мураттаб аст, бурунаш ҳам мавзун хоҳад буд.**

**Ҳар ки мураттабару муназзамтар аст, хушрӯзтару хушрӯзитар хоҳад буд. Чаро ки вай кори имрӯзро ба фардо намегузорад, балки бахше аз корҳои фардои худро имрӯз анҷом медиҳад.**

## *Бахши дуввум:*

# *ИНСОНУ ФАРҲАНГ*

*Ба куҷо?..* Имрӯз фирқаҳое дар дунё мегӯянд, ки "Риш задан куфр аст", "Мусиқӣ ҳаром аст", "Аккосӣ норавост", "Духтарон мактаб нараванд", ва ...

Метарсам, фардо инон фатво бидиҳанд, ки "Барқу мошин кори шайтон аст" , "Риштаву сӯзан сохти шайтон аст", "Об нахӯред, ки аз лӯлаи шайтон меояд!," " Нон нахӯред, ки дар осиёби шайтон орд шудааст!" ...

*Аввал дар буд? Ё дарахт?* Аз доктор Сайидраҳмон шунидам:

-- Бо як зиёинамо баҳс доштам; мегуфт, ки мо аввал мусулмонем ва баъд тоҷик ё ӯзбак...

Доктор аз вай, бо ишора ба дар пурсидааст:

-- Ин аввал дар буд ва ё пеш аз он ки дар шавад, дарахту чӯбу тахта буд?

Мусоҳиб бо тааҷҷуб гуфтааст:

-- Аввал дарахт буд, баъд чӯб шуд, пас тахта, ва дар охир дар.

Доктор ҳам дар навбати худ афзудааст:

-- Одамӣ ҳам пеш аз он ки ба дине мансуб бошад, бояд ба дунё ояд, ба қавмеву халқе мутааллиқ бошад ва пас тааъллуқоти эътиқодотӣ пайдо мекунад...

***Ин кӯҳнакитоб...*** Ҳар ки гумон мекунад, китоби нав мехонад, ғалат мекунад.

Китоби навтарин ҳам аз сад 99 ҳарфаш кӯҳна аст.

Мо, ки кӯҳнаро намедонем, мепиндорем, ки кӯҳна нав аст. Дар ҳоле, ки нав кӯҳна аст.

Инсон, ки сода асту ширихомхӯрда, гумон мебарад, ки пеш меравад. Дар ҳоле, ки рӯз аз рӯз, ва қарн аз қарн пас меравад, аз ҷойгоҳи инсонии худ дуртар мешавад.

Замоне инсон ба худованд ёр шуд ва аз вай ёрӣ хост, то дар рӯи замин доду ростӣ ва дӯстию накӯкорӣ фармонфармо бошанд.

Акнун инсон аз худованд дур шуда ва дурӯғ мегӯяду душманӣ меварзад ва бадӣ мекунад, силоҳгароӣ мекунад, то бародари худро нобуд кунад...

Инсон дар фикри он аст, ки тухми инсонро бисӯзад.

Агар ин тавр набуд, силоҳи инсонкуш эҷод намекарду бо он таҳдид наменамуд, аз берун силоҳ оварда, бастагони худро намекушт, хонаи худро оташ намезад...

Балки бо дармону умрдарозӣ машғул мешуд, зироати пурбортар эҷод мекард, рӯи заминро ба биҳишт табдил медод...

Инсон офаридае худфиреб аст.

***Кушандаи санг.*** Ҳангоме гузорам ба корхонаи сангбурӣ меафтад ва ё онро аз телевизион намоиш медиҳанд, кори кишоварзон пеши чашм меоянд.

Бача будем. Назди падар чою хӯрок мебурдем.

Падарам, худо раҳмат кунад, ҳамроҳ бо раҳматӣ усто Ашӯр ва Бобоҷон Паҳлавон дар

ҳаёти Мулло Ҷаббор хирмани гандуми колхозро мекӯфтанд.

Ҳама дараві (ҷомаи корӣ) пӯшида ва миёнро баста буданд. Онҳо арақшор кор мекарданд. Арақ ба андозае буд, ки аз беруни ҷома об метаровид.

Мо ҳайрон будем, ки чаро дар ҳавои гарм либоси гарм мепӯшанд. Ва боз чои гарм ҳам менӯшиданд.

Ба пурсиши мо йосухи кӯтоҳ медоданд:

-- Гармиро гармӣ мебуррад ...

Акнун пай мебарем: кори сангинро бо арақи тан нарм мекардаанд.

***__Харидори пӯст.__*** Шефтаву бохтаи паёмбари гиромӣ буд.

Мегуфт:

-- Ҳазрати ҷаноби расулоллоҳ (с) атру занро дӯст медоштанд.

"Савоб аст" мегуфту пайравӣ мекард.

Ва аммо бо паёми ҳазрат кордор набуд.

***__Ғарбзада.__*** Бо умеде писарашро хориҷа равон кард.

Мехост хонаду одами бузург шавад.

Вақте баргашт, нахустин кораш ин буд, ки навиштаи болои дари хонаи падар: "Хуш омадед!" –роканду ба ҷояш часпонд: "Оҳиста, пушти дар саги газанда!"

***__Нодаркор.__*** Гоҳе дар миёни ду кор бекорӣ даст медиҳад.

Он гоҳ бароям бисёр бад мегузарад.

Монанди он давандае, ки мехи кафш ба пояш мехаладу на рафта метавонад ва на мехро кашида.

Гумон мекунам, ки нодаркорам.

Монанди он себзаминиву меваи вайроншудаи нодаркор, ки харидор дар гӯшаи бозор партофтааст.

***Замину хона.*** Устодро аз мафҳумҳои "ҳастӣ" ва "зиндагӣ" пурсиданд. Гуфт:

-- Донишмандон мегӯянд, ки дар Миррих замоне зиндагӣ будааст. Пас, Ҳастию Зиндагӣ яке нестанд, яъне ки яке кулл асту абадӣ аст, ва дигарӣ ҷузъ асту гузаранда.

Шогирдон рӯшантар донистан хостанд. Идома дод:

-- Оё имкон дорад, ки рӯзе зиндагӣ аз рӯи замин ҳам кӯч бандад? Оре. Ҳаст... Магар ҳастии хона ба бошандагонаш бастагӣ надорад? Дорад... Агар нигоҳубин ва бозсозӣ кунанд, хона, то ҳастанд, пойдор хоҳад монд, вале агар дар ҳоли худ гузоранд, дер ё зуд хароб хоҳад шуд... Вале агар худашон хароб кунанд...

***Вожаҳои пойсӯз.*** Дар хиёбонҳои Теҳрон низ, ба тақлид аз кишварҳои дигар, ҷуз аз аломатҳои раҳнамоӣ, вожаҳое рӯи раҳ навиштаанд, ба монанди: "Ист!", "Оҳиста!", "Ба рост!" ...

Мошин ҳангоме аз рӯи ин вожаҳо мегузарад, эҳсос мекунам, ки пойҳои ман месӯзанд: сухани форсӣ, сухане, ки дар мағз реша дошт ва аз даҳон берун омада, акнун зери по хобида ...

*__Тарозуи фарҳанг.__* Яке аз ҳазорон гувоҳи фарҳанги ҷаҳонии ин миллат ҳамин аст, ки чун "Ид" мегӯянд, Наврӯзро мефаҳманд -- иде, ки ҳангоми баробариҳост, оғозини зиндашавӣ ва зоишҳо.

*__Реша.__* Аҳмади Балозурӣ дар "Футӯҳ-ул-булдон" ҳикояте оварда, ки донистанӣ ва омӯзанда аст:

Бузургмарде, бо номи Мардоншоҳ писари Зодонфаррух, ки сарвари девон дар ҳукумати Ҳаҷҷоҷ буд, Солеҳ бинни Абдураҳмонро сарпарастӣ намуд ва ба амир наздик кард. Ва ин Солеҳ рафта-рафта дили Ҳаҷҷоҷро ба даст овард ва бо мувофиқати вай, девонро соҳибӣ кард ва онро аз порсӣ ба тозӣ гардонд. Мардоншоҳ, ки дарвоқеъ шоҳи мардон буд, ҷигараш пурхун шуд ва ниёиш кард:

-- Худованд решаатро аз ҷаҳон барканад, ҳамон гуна, ки решаи порсиро баркандӣ!

*__Сурб.__* Тиру ҳарф, ҳар ду аз сурб аст.

Аммо яке танро нишона мегираду дигаре мағзро.

Яке, агар расад, танҳо як бор мерасад; дигаре беғалат мерасад, ва бешумор – на замонро медонад, на маконро.

Он якеро аз тан кашидан тавон, ин дигариро аз мағз – наметавон.

*__Мӯъҷизаи забон.__* Забони форсиро яке аз мӯъҷизаҳои фарҳангии ҷаҳон бояд донист, чаро ки:

-- ҳазору анд сол зинда асту ҷавону бо таровват,

-- ҳазорон асари ҷовидонаи адабиву илмиву диниву ирфониву ҳунарӣ дар бағал дорад,

-- ҳазорон афроди бегонаро ба дунёи улвии илму адабу фарҳанг равона кардааст,

-- ин ҳазор сол тоҷиконро зинда нигоҳ доштааст, дар ҳоле ки дар хонаи худ ғариб буданд,

-- ба иттифоқи коршиносони худӣ ва бегона, "забони шеър аст" – падидае хос, на ом, яъне тарҷуманопазир,

-- забоне, ки фариштаҳои осмонӣ гуфтугӯ мекардаанд,

-- забони аҳли биҳишт.

... Ва болотар аз ин, наметавон гуфт.

*Ду меҳмонӣ.* Рӯзе дар Бунёди Нишопур устод Ҷунайдӣ аз меҳмонии худ ба Олмон ҳикоят мекарданд: якмоҳа раводид доштам, ва аммо дар рӯзи ҳафтум баргаштам, ба хотири об; ҳамон обе, ки масраф шудааст, дубораву себора соф карда аз нав равона мекарданд; дуруст аст, ки оби нӯшиданиро аз мағоза мехаридем, аммо ҳангоми дасту рӯйшуӣ дил мешӯрид...

Нақли устод, меҳмонии қиблагоҳро ба ёд овард.

Соли 1964; падар шаҳри Душанбе омаданд. Мехостанд як моҳ меҳмон бошанд. Аммо бо гузашти се рӯз омодагии бозгаштро диданд: намоз қазо шуд, қазоро хонда баргардондан мумкин; аммо одам ҳама кори бадашро рӯи оби равон анҷом медиҳад, ки ҷавоб надорад...

Оре, таҷрибаи шаҳрҳои бузург нишон дод, ки нопок кардани оби равон ҷавоб надорад.

***... Айб аст? Ё ҳунар?*** Яке аз дӯстон механдид, ки эрониён бо сатил метрову бурҷ месозанд...

Хеле андешидам, ки айб аст? Ё ҳунар?

Албатта, ки метавонистанд мутахассис оваранд, олоти пешрафта бихаранд ва дар камтарин замон кори худро анҷом бидиҳанд. Аммо авло донистаанд, ки худ бисозанд; агарчи бо сатилу тағораву ғарғара; агарчи чанд рӯзе дертар.

Чаро?

Аз афташ, нахостаанд пули калонро ба бод диҳанд. Ва шояд ҳам нахостаанд ин миннатро бардоранд: "Метрои Теҳронро фалониҳо сохтаанд..." Ва хостанд ин ифтихорро дошта бошанд, ки: "тарҳ аз худамон буд, худамон сохтем!.."

Банда ҳаргиз бар он нест, ки миллатҳову кишварҳо, имрӯз, бавежа фардо, дар танҳоиву бастагӣ рӯзгори худро мӯътадил ба роҳ монда тавонанд. Баръакс, ниёзмандиву ҳамкориву ҳамроҳӣ рӯз аз рӯз афзоиш хоҳанд ёфт.

Ва аммо ҳамкориву ҳамроҳиро хирадмандона ва дурандешона бояд пайгирӣ кард. Аз коҳиливу нодонӣ, ё ба хотири як луқма нон, аз манофеъи фардои миллату кишвар чашм пӯшидан, ҷуз аз бадномии раҳбарон дар сафҳаи таърих, оқибат бар сари миллату кишвар об хоҳад рехт. Магар имрӯз дар ҷаҳон кам давлат "мавҷуд" аст, ки на миллаташ ранг дораду на кишвараш бӯй?!

***Ҳолати истисноӣ.*** Омӯзгорон дар мактабу устодон дар Донишгоҳ, агар шеъре мехонданд, аз рӯи коғаз мегуфтанд. Ҳатто шоирон ҳамин корро мекарданд. Пас аз Донишгоҳ, шоироне, монанди устод Бозор, устод Лоиқро дидем, ки на танҳо сурудаҳои худ, балки шеърҳои дигаронро ҳам аз бар мегӯянд. Гумон доштем, ки ин ҳол, шояд истисноӣ бошад.

Дар Эрон дидем, ки чи омӯзгорону устодон, чи шоирону нависандагон, чи пажӯҳишгарону рӯзноманигорон, ҳатто бисёре аз одамони оддӣ монанди чашмаи ҷӯшони шеъранд, ва метавонанд дафтар-дафтар шеър пайваста ба забон оваранд.

Донистем, ки адами ҳузури зеҳн ҳолати истисноӣ будааст.

***Мехост пеши об бигирад...*** Дар сафи истгоҳ, яке беэҳтиётӣ карду кафшашро ба шалвори дигаре молид, ва ба ҷои пӯзиш, ғавғо кард.

Интизор мерафт, дигарӣ даъво мекунаду тамошо мешавад. Аммо вай бо табассум гуфт:

-- Агар мехоҳӣ силӣ бизанӣ, инак, руй! Ва агар хоҳӣ куштан, гарданам бориктар аз муй!

Якумӣ, дарвоқеъ, шарманда шуд, ва ҳамин қадар тавонист гӯяд:

-- Маро бубахш, беадаб ман будам...

***Эрониён, ҳама сарваранд.*** Ҳангоме ду эронӣ вомехӯрад, чора надоранд, ки нагӯянд: яке—"сарвари моӣ!", дигаре—"чокарам!"

Инон ду нуктаро нағз донистаанд:

1 - бо кам гирифтани худ, кам намешаванд;
2 - ба даст овардани дил — қуввати дил аст.

*Ҳақиқат куҳнагӣ надорад.* Гоҳе мепурсандам:

-- Дигарон, ҳама рафтанд, чаро шумо дар Эрон мондед?

Мегӯям:

-- Чунки аз ин ҷо бӯи Тоҷикистон меояд.

Эрод мегиранд:

-- Ин гапи нав нест, раҳматӣ Олимпур гуфта буд.

Мепурсам:

-- Ҳақиқат оё куҳна мешавад?

*Даҳон? ё...* Ҳангоме мехоҳед "хар" ё "гов"-ро дар ҳаққи яке, аз даҳон бароред, беҳтар, ки ба андешае ҳам равед: агар вай ба рӯятон ҳам натозад, ба дилаш хоҳад гуфт: "ин даҳон аст? ё оғилхона?"

*Оби зулол.* Шогирд аз Устод хоҳиш кард, ки маънии байти Шайх Саъдиро рӯшантар кунад:

Мурғе, ки хабар надорад аз оби зулол,
Минқор дар оби шӯр дорад ҳама сол.

Гуфт:

Биҳиштӣ чи донад, ки дӯзах чӣ дорад?!

*Одам сохт.* Вақте Чингиз омад, китобхонаҳоро саисхона кард, сандуқҳои китобҳои гаронбаҳо, аз ҷумла нусхаҳои

зарҳалии Қуръонро, ба охур табдил дод. Аммо дур нарафт; наберахояш ҷомаи фарҳанги мардуми забунро ба бар карданд, мусулмон шуданд; аберахояш аз аҳли илму ҳунар пуштибонӣ намуданд, чаберагонаш (монанди Субҳонқулихони Нишонӣ, Абдулаҳадхони Оҷиз) шоири порсигӯ шуданд...

Бузурге дуруст гуфтааст, ки барги гулро метавон лагадмол карду нобуд сохт, аммо наметавон бӯи онро аз миён бурд.

Кимиёи фарҳанги гузаштагони мо аз муғул одам сохт.

***Бозии тинату фарҳанг.*** Пажӯҳишгарони худиву бегона фарҳангу тинати мардуми моро "боз" қаламдод кардаанд.

Ин фарҳанги бозро ин мардуми боз сохтааст. Ва ин фарҳанги боз мардуми бозро бозтар сохтааст.

Ба хонаи боз ҳар ки хоҳад, медароянд. Ва даромаданд.

Ва соҳибӣ ҳам карданд.

Бо ин ки соҳибхонаро пеш карданд, дар гӯшаи дилаш ифтихор дорад, ки ин хонаро вай сохтааст.

***Орзу.*** Гуфтаанд, ки орзу боли инсон аст.

Аммо нагуфтаанд: "Кадом бол?" ва "Кадом сӯй?"

Чаро ки орзу сӯзанда ҳам мешавад, ва сӯй – пастиву ҷарӣ.

***Як эзор барои ду тан.*** Пойизи соли 1996/1375; Табрез; Хонаи Муаллим.

Таҷлил аз Хоҷа Камол ва устод Шаҳриёр дар ҷараён аст. Ду тан аз қатори пушт, гарм гӯшакӣ мекарданд. Надонистам, ки аз меҳмонони Тоҷикистон буданд, ва ё аз мизбонони эронӣ. Намехостам, аммо гуфтугӯяшон беихтиёр ба гӯш мерасид:

-- Ду китоб чоп кардаанд: яке аз Камол, дигаре аз Шаҳриёр; як китоби дигар ҳам нашр кардаанд: ниме аз Камол ва ниме аз Шаҳриёр; саҳнаро ду бахш кардаанд: ниме аз тасвири Камолу шеъри вай, ва ними дигар аз Шаҳриёру шеъри вай. Миёни ин ду тан чи муносибат бошад?

-- Якум, ин ки ҳар ду ҳам шоиранд.

-- Хуб.

-- Дигар, ин ки ҳар ду ҳам ошиқанд.

-- Хуб.

-- Севвум, ин ки ҳар ду ҳам орифанд.

-- Хуб.

-- Чаҳорум, ин ки ҳар ду ҳам дар Табрез будаанд.

-- Хуб.

-- "Хуб-хуб" накун диге!..

Гуфтугӯи онҳо ҳикояти худораҳмати тағоям Ҷӯрақул-корвонро ба ёд овард: "Шутуреро барои ду бузургвор садақа кардам; хоб будам, ки пирамарде сап-сафед ҳозир шуду пурсид: Оё барои ду нафар як асо мешавад? Оё як эзорро ду кас пӯшида метавонад?.. Бедор шудам, ки хобам. Як говро фурӯхтаму ду гӯсфанд харида, дигарбора ба он ду бузургвор садақа кардам".

***<u>Тарозӯи арзиш.</u>*** Пеши Устод сухан аз ҳаққи заҳмат рафт. Гуфтам:

-- Дар се сол китобе навиштам ва ҳазор нусха чоп карданду шаст ҳазор ҳақ доданд; дар

як моҳ китобчае се баробар хурдтар баргардондам, се ҳазор чоп карданд ва се баробар ҳақ доданд.

Устод бо табассум гуфтанд;

-- Яъне он чи навиштед, панҷоҳ баробар камтар ҳақ доштааст...

Устод нагуфтанд, аммо аз хати табассуми эшон хондам:

-- Он чи навиштӣ, панҷоҳ баробар камтар арзиш дошта ва ҳанӯз аз имтиҳони замон нагузаштааст...

*__Саре кафидаву миёне хамида.__* Устод аз иттифоқе, ки шоҳидаш будааст, мегуфт:

-- Ҷавоне дар утубус нишаста буду пинак мерафт, пире бар сари вай рост буду аз сутун бо ду даст дошта. Ногаҳон ронанда сахт тормоз кард; пир такон хӯрду сари ҷавон ба оҳани курсии пеш хӯрд...

Устод ҷамъбандӣ кард:

-- Ин ҷавон агар ҷавонмард ҳам буд, даст бар пешонӣ надошт, ва пир ҳам миёни хамидаро намемолид.

*__Гӯли фарҳанг.__* Бадҳиҷоб гӯли фарҳангро хӯрдааст, гумон бурдааст: фарҳанг аст.

Агар фарҳанг буд, русуми ибтидоиро нигоҳ медоштанд; яъне ҳамагон урён мегаштанд.

*__Сайд? Ё сайёд?__* Бадҳиҷоб сайёд аст: нигоҳи ҳаром шикор мекунад.

Пиндораш ин, ки шикор мекунад.

Дар ҳоле, ки...

*Шамшери ҳалам.* Қаламро ҳамон шамшер гуфтаанд.

Шамшере, ки сӯҳонаш андеша аст.

*Эҳсоси Бахт.* Устод дар бораи "бахт" сӯҳбат мекард. Гуфт:

Бисёре аз одамон, ки хушбахт ҳастанд, хушбахтии худро намедонанд. Барои шинохти хушбахтӣ, мазаи бадбахтиро чашидан даркор аст. Намебинед, ки ба қадри даврони хушбахтӣ, пас аз сипарӣ шудани он мерасанд...

Вай афзуд:

-- Беҳтар ин ки бахтро бо мағз эҳсос кунанд, то аз он ғофил намонанд.

*Рӯзи бозор.* Мардуми мо аз рӯзгори бостон ҷамъиятпарвар будаанд; ба қадри зиндагии дастҷамъӣ мерасидаанд; беҳуда шаҳрҳо бунёд накардаанд; беҳуда ин расмро ҷорӣ накардаанд, ки зимистонро дар канори ҳам пушти сар кунанд ва тобистонро дар боғот; маросимҳои шодмониву сӯгвориро бесабаб дар чойхонаву меҳмонхонаву масҷид, ҳатто хиёбонҳо ташкил намекунанд; беҳуда як рӯзи ҳафтаро "рӯзи бозор" намегӯянд...

Дар ин "рӯзи бозор", ки дигарҳо "рӯзи таътил" ва "рӯзи истироҳат" мегӯянд, аксар мекӯшанд бозор бираванд, ҳатто агар коре бо хариду фурӯш ҳам надошта бошанд.

Бисёриҳо ба бозор барои он мераванд, то нарху наворо бидонанд, аз ахбор огоҳ шаванд, шиносони деринро бубинанд, ошноёни нав пайдо кунанд, нақшаеро бо дӯсте дар миён гузоранд...

Мардуми мо аз таҷрибаҳо донистаанд, ки мушкилот дар танҳоӣ мушкилтар мешавад;

ва аз таҷрибаҳо дарёфтаанд, ки "Балоҳо ом бошад, хуш хоҳад буд".

Ин ҳам як далелест аз боз будани тинат ва фарҳанги мардуми мо.

***<u>Ду ниёзманд.</u>*** Яке ниёз ба хӯрданӣ дорад, ки замон гузарад.

Дигаре ниёз ба замон дорад, ки ҳазм кунад.

***<u>Рӯй...</u>*** Рӯйро падару модар медиҳанд; муаллимону наздикону ҷомеа комил мекунанд.

Он ки як рӯй дорад, наметавонад чанд рӯй дошта бошад.

Он ки чанд рӯй дорад, душвор аст, ки рӯяшро якто кунад.

***<u>Дил—яке беҳтар.</u>*** Рӯй ангор, дил аст.
Барои яке яктош бас аст.

***<u>Шамоли девор.</u>*** Вайро "Анвар-ҷиннӣ" мегуфтанд. Эркае буд дар хонадоне; хонадони давлатманде.

Дар гӯшаи қаҳвахона ва ресторон иҷора дошт. Ва лақабро ҳам аз ҳамон ҷо ёфта буд.

Шамоли девори Шӯравӣ сахт асар кард. То андозае, ки гӯё дигар шуд. Муллои пешинро забонкӯтаҳ кард: "Шумо ҷосуси КГБ будед!"

Лақабаш ҳам оҳиста-оҳиста дигар мешавад: "Ҳоҷӣ Анвар".

Ва аммо кунҷковҳо ҳеҷ намефаҳманду намефаҳманд, ки ин "Ҳоҷӣ Анвар" ва ё "Анвар-ҷиннӣ" чаро се тасбеҳро дар гардан овехта ва се челакро дар ҳавои гарм рӯй ҳам мепӯшад?

Забондарозон пурсанд, посухе кӯтоҳ мегиранд:

-- Шаккокӣ накунед!..

Манзураш шояд ин аст, ки: "... кофир мешавед!"

*__Шикасти хумор.__* Дар ҳавопаймо чой медоданду қаҳва.

Чой нахост, ки қаҳва нӯшад.

Аммо қаҳва нарасид.

Нороҳат нашуд: бо бӯи қаҳвае, ки ҳамсояҳо менӯшиданд, хумор мешикаст.

*__Шарбати меҳр.__* Устод, ки худ ба дарёи меҳр ғарқ буд, гуфт:

-- Ҳангоме рӯзгору осори бузургон баррасӣ мешуд, маълум гашт: онҳое бузургтар шудаанд, ки худ лаззати ин меҳрро дар ком эҳсос намуда ва барои ҷубронаш талош карда бошанд.

Шогирде, ки ҳаққи густохи дошт, хост бардошти худро рӯшан кунад:

-- Яъне бузургӣ, худ ҳамон меҳру отифа аст, ки дар ойинаи бузурге таҷассум ёфта?

Устод:

-- Дуруст аст.

*__Асо.__* Устод аз шарофати худованд сухан мекард.

Ва барои далел гуфт:

-- Агар аз вай тарсӣ, нозири худ мешавӣ, ва ба хилоф роҳ намедиҳӣ.

Пас аз таваққуфе афзуд:

-- Яъне ки худро барои худ асо месозӣ.

*Ҳама чиз такрор аст...* Оре, ҳама чиз такрор аст. Ҳатто шеъре, ки тоза гуфта мешавад.

Такрор аз вожаҳои маълум, дар дилу даҳону рӯи коғаз.

Бомдоде дар коргоҳи Бозор дидам, ки байтеро, хонову нохоно, ҳаштод бор навиштааст, дар рӯи коғазпораҳо.

Ва он чи дар дилу даҳон гардондааст, метавон шумурд? Ҳаргиз.

*Яке аз хадамоти Аминзода.* Муайян кардани хидматҳои гузаштагони мо, аз ҷумла раҳмати Муҳиддин Аминзода, кори пажӯҳишгарон аст. Аммо дар ин маврид танҳо як хидмати шоистаи номбурда таваҷҷӯҳамро зиёда ҷалб кардааст – сухане, ки сирри баландии шеъри Пайрав Сулаймониро ошкор менамояд:

“Меҳнати даст ва меҳнати тафаккур – ин ду чиз тамоми ҳаёти эҷодии Пайравро фаро мегирифт. Ӯ байтеро ба охир нарасонида, ба дарёи фикр ғӯтавар мешуд. Соатҳо хомӯш мегашт, баъзан мисраеро борҳо такрор менамуд, гаштаву баргашта оҳанги калимаҳоро месанҷид, ҷои онҳоро тағйир медод, ҷилваи онҳоро гӯё ба пеши назар меовард ва ба чи гуна садо додани онҳо гӯш мениҳод, гӯё лаззати ҳар як калимаро чашида медид, рангу тобиши онҳоро муоина мекард”.

*Он ки дард буд, ҳамон дармон аст...* Кӯҳ ҷунбиш надораду дарё оромиш.

Агар вай ба ҷунбиш ояду ин ором ёбад, дунё чаппа мешавад.

Оромии яке ва ноорамии дигаре, асоси зиндагӣ будааст.

***Накуӣ об аст...*** Устод аз маъниҳои ҳикмати "Хунро бо хун намешӯянд, бо об мешӯянд", сухан мегуфт:

-- Мабодо, даст ва ё доманатон ба гил ва ё чизи гандаи дигар олуда шавад, онро бо чӣ пок мекунед?

Худ посух дод:

-- Танҳо бо об.

Боз афзуд:

-- Дуруст аст, ки аз ночорӣ бо хок ҳам пок мекунанд. Ва аммо он ҷои обро намегирад.

Вай ҳадафашро рӯшан кард:

-- Накуӣ ҳамон об аст, ки ҳар бадиро рафъ мекунад; дар торикистону ҷангалистон ҳам роҳ менамояд. Монандии обу некӣ, боз дар он аст, ки ҳар ду ҳам чун ҳастанд, ба қадраш намерасанд, чун нестанд, дар ҳасраташ доғ мешаванд.

***Панҷ ангушти як даст баробар нест.*** Панҷ тан худро бандаи худо медонист ва барояш сипос мегузорд.

якумӣ: худоро гардам, ки шабро офаридааст, то бандагонаш аз хоби ширин сер шаванд;

дуввумӣ: қурбонаш ҳастам, ки ин ҳама неъмат муҳайё кардааст, то хокиён лаззат бибаранд;

севвумӣ: меҳрубониаш беандоза аст: ишқу зан халқ кардааст, то шодком бошем;

чаҳорумӣ: сипос мегузорам бар он бузургвори нотакрор, ки ҳиммате дар дил ҷой додааст, то накӯкор бошем, ҳатто агар некӣ ба об ҳам равад;

панҷумӣ: рӯзе ҳазор намоз барояш дар дилам мегузорам, ки дӯстдоронашро аз гавҳари "кор" сириштааст, то кор кунанду шод шаванду неру гиранд, кор кунанду шод шаванду неру гиранд...

<u>*Ҷангали Зиндагӣ.*</u> Зиндагӣ ангор ҷангалест, ки роҳу пайроҳаву бероҳа дорад.

Агар аз гардиши ситораҳо хабар дорӣ, хати парвози паррандаҳо ва роҳи бодро медонӣ, ҷунбиши баргу шохи дарахтонро хонда метавонӣ, бидон, ки бо роҳ равонӣ ва рост ба манзил мерасӣ.

Агар аз инҳо андак-андак медонӣ, пайроҳа дар пеш дорӣ, ва дар ҷангал гум намешавӣ.

Вале агар чизе дар бисот надорӣ, ҳазор зӯр заниву равиву равӣ, боз ба ҳамон ҷои худ мерасӣ. Шояд ҳам нарасӣ.

<u>*Суруш.*</u> Сурушро баъзеҳо хурофот медонанд.

Аммо ман бовар дорам.

Инсоне, ки номе хушу номбардоре шоиста боқӣ мегузорад, магар Суруш надорад?

Ва аммо садои нарму форами ҳаётбахши ин фариштаро на ҳар кас мешунаваду мешиносад.

***Умри инсон оби равон.*** Мавзӯи дарси Устод умри инсон буд, ва истифодаи босамар аз он.

Мегуфт:

-- Умри инсонро ба оби равон баробар кардаанд, чаро ки:

1 - ҳар ду ҳам равон асту равон; истоданро намедонад;

2 - ҳар ду ҳам сарф мешаваду сарф; имконе нест, ки пеши исроф гирифта шавад;

3 – ҳар ду ҳам ба пастӣ ва нармӣ ба тундӣ медаваду медавад, аммо ба баландӣ ва сахтӣ ба кундӣ мехазад, гӯё истодааст...

Устод инро ҳам афзуд:

-- Аммо инсон бар об шараф дорад, ба хотири он ки метавонаду бояд исрофи ҳар дуро ба ҳадди ақал бирасонад; ва ҳар инсон, ки дар ин кор муваффақ аст, инсони оддӣ нест, балки Қаҳрамон аст, "Ҳазрати Инсон" аст.

***Матои умр.*** Аз се пораи баробари матоъ:

устои тавоно куртаву эзори муносиб ва шинам медӯзад; барои рӯймолча ҳам мерӯёнад;

устои камтаҷриба куртаро танг мебурраду эзорро васеъ;

"усто"-и бетаҷриба чунон мебурраду медӯзад, ки шалвораш бе хиштак мемонаду куртааш бе тирез...

Умре, ки худованд бахшидааст, ангор ҳамон матоъ аст: истифодаи дуруст аз он устоӣ мехоҳад.

***Сухану шароб.*** Устод аз тавони сухан мегуфт:

-- Суханро ба шароб монанд кардаанд, ба ин далел, ки ҳар ду ҳам дар хум пухта

мегардад – яке дар хуми сафолӣ ва дигаре дар хуми сар; ҳар ду ҳар чи пухтатар бошад, коргартар хоҳад буд; ҳар ду ҳам дастранҷи "Ҳазрати Инсон" аст...

Забон дар воқеъ ҳам реша будааст, агар реша набуд, дарахти форсии тоҷикӣ дар ин ҳазор сол хушк шуда буд!

*__Сухани канда.__* Устод мегуфт:

-- Сухан се гуна аст: ё канда, ё навишта ва ё гуфта.

Вай гуфтаашро рӯшантар кард:

-- Сухани канда дар санг асту ҷовидона. Сухани навишта бар коғаз асту чӯбу пӯсту ва... барои замонҳо. Ва аммо сухани гуфта бар ҳавост... Гумон мекунанд, ки ин сухан бар бод аст, яъне ки бар ҳадар... Аммо ин тавр нест: мову шумо аз тухми ҳамон суханон рӯидаем, ки бар ҳаво кишта шудаанд.

*__Машъал.__* Ҳар касе, ки ба саҳнаи зиндагӣ омадааст, вазифа ва масъулият дорад.

Аммо онро ҳамагон намешиносанд.

Миёни онҳое, ки мешиносанд, танҳо чанде барои иҷро камар мебанданд.

Миёни ин камарбастагон ягон-ягон муваффақ мешаванд.

Ва ҳамин ягон-ягонҳо машъаланд.

*__Пешрав кист?__* Устод аз инсону зиндагӣ дарс дошт:

-- Инсон аз нигоҳи бароруу нобаробариҳо се гунаанд: пасмонда, миёна ва пешрав.

Ва шарҳ медод:

-- Оне, ки бахше аз корҳои имрӯзаи худро ба фардо мегузорад, пасмонда аст;

-- Оне, ки ҳама кори имрӯзаро ҳамин рӯз анҷом медиҳад, миёнарав аст;

-- Оне, ки бахше аз корҳои фардои худро имрӯз анҷом медиҳад, пешрав аст.

Вай афзуд:

-- Ва ҳамин гурӯҳ, дӯстдоштагони худову азизи мардумон ҳастанд.

***Кордармонӣ.*** Мудири китобхонаи Бунёди доират-ул-маорифи исломӣ, ҷаноби оқои Сарлак соати ҳафт меояду соати ҳафт меравад. Яъне аз бомдод то шом дар ҷои кораш. (Борҳо кӯшидам, ки боре зудтар аз вай оям, ҳанӯз муваффақ нашудаам. Боре соати ҳафт ҳам расидам, аммо дидам, ки вай -- дар сари мизи кораш). Ва ҳамеша бо кор машғул аст: аксар бо кори китобхона, гоҳе бо кори пажӯҳиши худаш. Лаҳзае ором надорад. Хӯрокхӯрӣ ҳам аз дигарон дертар меравад.

Имрӯз (17.01.78 ё 06.04.99) ҳангоми ҳолпурсӣ сухан аз синнаш рафт. Гуфт: "60 сол дорам". Гуфтам: "15 сол ҷавонтар менамоед". Гуфт: "дар умрам бемор нашудаам; кордармонӣ мекунам".

***Ҷон костан...*** Ҷон коҳондан дигар асту тан парвардан дигар.

Он роҳ ба камол дораду ном меоварад, ин ба пастӣ мегелонаду ҳамаро мехӯрад. Ҳатто номро.

***Се гунаи одамон.*** Устод фармудаи Шайх Саъдиро каме дигар карду гуфт:

-- Одамон се тоифаанд:

якум – падару модар, хоҳару бародар ва баъзе аз дӯстону фарзонагон, ки дар ҳама ҳол хайрхоҳанд;

дуввум – нафароне, ки "ҷонам" гӯй, "ҷонам" мегӯянд, "бало" гӯй, "бало", мегӯянд;

севвум – афроде, ки "ҷонам" гӯй ҳам "бало" мегӯянд, "бало" гӯй ҳам. Яъне ки ҳаргиз хайрхоҳи ту нестанд.

Устод маслиҳат медод:

-- Барои гурӯҳи якум ҷонатро нисор кунӣ, кам аст; тоифаи дуввумро ҳамеша "ҷонам" бигӯ; ва аммо ба гурӯҳи севвум доманат расад, онро бурида гузар.

*Пули миёна.* Бузургии Ҳошими Гадоро намедонанд. Чаро ки танҳост.

Имкони ношинохта монданро ҳам дорад. Барои ҳамеша.

Ва аммо як нафару ду нафар шиносанд ва ба паҳлӯяш оянд, пуле хоҳанд сохт, миёни вай ва ҷомеа; миёни растагорӣ ва раҳгумӣ. Ва ин бар нафъи ҷомеъа хоҳад буд.

*Рӯзи Муаллим.* Устод аз монандиҳои гулу инсон сухан мегуфт:

-- Набераам дар "Рӯзи Муаллим" ду шоха гул овард: яке--сурху калону хушрӯй, ба андозае калон, ки "гули каду" мегуфтӣ; дигарӣ -- гулобирангу хурд. Дар рӯзи севвум гулобӣ ба пажмурдан сар кард, аммо сурх шодобии худро нигоҳ медошт. Дидам, ки он бӯй дошту ин надошт. Пас аз чанд рӯз сурх ҳам пажмурда шуд ва бачаҳо партофтанд. Аммо гулобии хушкида, ки ҳамон бӯи худро нигоҳ медошт, бачаҳо дар магзи дафтарашон чиданд...

Ин ду гул шабеҳи одамоне буд, ки яке бо рафтани худ ҷояшро ҳам гум мекунад, аммо дигаре нигоҳ медорад.

***Танҳо...*** Пеши Устод дарди дил кард:

-- Умре талош мекунам, аммо натиҷа кам аст: ҳар чи мегӯям, дар вақташ намефаҳманд, танҳои танҳоям...

Устод тасаллӣ дод:

-- Албатта, агар касеро ҳама, лоақал аксар, дар вақташ мефаҳмиданд, олам гулистон мебуд. Аммо дилтанг мабош: кист, ки танҳо набошад? Агар ҳам танҳо нест, муваққат аст, ё ба зоҳир танҳо нест. Одамон дар шаб пай мебаранд, ки ҷои Офтоб холист.

***Ҷунбиш дарё.*** Дарёи зиндагӣ оромӣ надорад: ё дар Обхост аст, ё дар Обкост.[1]

Даме аз ҷунбиш мондӣ, берун меафканадат.

***Ҷунбишу майнаву маҳорат.*** Маҳорат аз таҷриба хезад;

таҷриба аз такрор;

такрор аз ҷунбиш; ҷунбише, ки рӯғанаш оби майна бошад.

## ***Пурсу пос бо Устод***

***1***

---

[1] -- Мадду ҷазр. (Пешниҳоди устод Ҷунайдӣ).

-- Решаи офият куҷост?
-- Дар иффат.

*2*

-- Худодода кист?
-- Ҳамон аст, ки худо бо ӯст. Яъне ки вай бо худост. Ҳангоме одам бо худост, андеша дораду пуштибон. Агар инсон аввалиро дорад, дуввумиро ҳам дорад.

*3*

-- Ҳамсояе дорем, ки шукру сипос, худову расул аз даҳонаш канда нест, рӯзаву намозашро ҳам тарк намекунад. Аммо худо агар ёрӣ медод, чаро дастархонаш пур намешаваду ҷомааш дуто?
-- Шумо фақрашро дидеду давлатапро надидед. Вай сипосгузор аст, ки ҳаст ва обу нон ҳам дорад; вай шодмон аст, ки танҳо нони ҳалол мехӯрад. Ҳамин қаноат, давлати ӯст, чаро ки дилашро қавӣ нигоҳ медорад ва ба фардо умеде мебандад; давлати вай дар ин аст, ки такягоҳашро мешиносад ва ба вай бовар дорад. Қаноат ва боварӣ ду бол аст, ки аз ҷӯйу ҷарӣ метавон парвоз кард.

*4*

-- Дар аҷабам, ки баъзе касони солхӯрда мӯи худро сиёҳ мекунанд.
-- Тааҷҷуб накунед, баъзе касони дигар, ки ҳанӯз сол нахӯрдаанд, мӯи худро сафед мекунанд.

*5*

-- Ин ҷаҳонро, ки хонаи мост, чаро "меҳмонхона" мегӯянд?

-- Хона барои хамеша аст; мо, ки барои хамеша наёмадаем; азбас омада ҳастем, дер ё зуд, ҳатман бояд биравем.

*6*

-- Оё беҳтар он нест, ки ин ҷаҳонро хонаи худ донем?

-- Нахуст – ин ки дарвоқеъ, соҳибхона нестем, балки омада ҳастем, чун омадаем, бояд ки дер ё зуд биравем; ё касеро метавон суроғ кард, ки сутуни қиёмат шуда бошад?.. Дигар -- ин ки эҳсоси соҳибхонаӣ ғурур мебахшаду касро аз худ ғофил мекунад, аммо эҳсоси меҳмонӣ вомедорад, ки ҳамеша ҳушёр бошӣ, одоби муоширатро бо ходимону ҳамроҳон риоят намоӣ, вазифаҳои меҳмониро иҷро кунӣ, муносиботи дурусте бо меҳмонхона ва чизу чорааш анҷом диҳӣ... Ва дар он сурат, ҷангу ҷанҷол дар ин ҷаҳон нахоҳад буд, харобию гуруснагӣ нахоҳад буд, балки хушию фаровонӣ, меҳру отифа хоҳанд буд.

*7*

-- Мегӯянд, аҷали морбоз аз мор асту дорбоз аз дор; аҷали андешабоз чӣ?

-- Мустасно нест.

*8*

-- Чаро бузургонро танҳо бузургон пос доранд?

-- Чунки дар маърака одами қадпаст танҳо ҳамсояи худро мебинаду қадбаланд ҳамаро.

*9*

-- Чаро ин мардум аз даруну берун сиёҳпушанду ҳама умр дар гиряву фиғон басар мебаранд?

-- Чунки мехоҳанд оядаи худро дошта бошанд.

-- Мотам аз гузашта чӣ нисбате ба ояндаи дилхоҳ дорад?

-- Он ки талхии бедодии гузаштаро фаромуш кардааст, ширинии додиояндаро нахоҳад чашид.

*10*

-- Чӣ касе ҳақ дорад, ки мартабаи умумии раҳбариро дошта бошад?

-- Ҳамоне, ки дониставу аз сидқи дил ва фидокорона худро дар хидмати миллату кишвар гузошта бошад. Дар амал, на дар сухан.

*11*

-- Гуфтед, ки ҳангоме роҳ меравӣ, даст дар киса макун: аҷаб не, пешпой хӯриву поятро шиканӣ; вақте замин лағжоник аст, даст дар киса макун: шояд лағживу дастатро шиканӣ; чун баландӣ мебарой, даст дар киса макун... агар нишеб меравӣ, даст дар киса макун... Пас, кай метавон дар киса кард?

-- Вақте пул дар киса нест.

## *Аз ҳошияи дарсҳои Устод*

*1*

Садаи 21 садаи артишҳо нахоҳад буд, садаи арзишҳо хоҳад буд – арзишҳои инсонӣ, ахлоқӣ ва фарҳангӣ... Агар артиш сари арзиш зӯрӣ кунад, тухми инсон хушк мешавад. Ин ки инсон тухми худро хушк мекунад ва ё гул мекунонад, дар дасти худи ӯст.

2

Ҳангоме доди танҳоӣ мезананд, ҳайрон мешавам: магар аз давлати андеша бебаҳраанд? Магар хазинаи хотира надоранд?

3

Бехирад, яъне оне, ки хирад надорад, аз куҷо донад, ки "хирад" чист?

4

-- "Ҷоҳил" кист? Агар ҷоҳил ба ҷаҳли худ кунад иқрор, ҷоҳил нест.

5

Фарҳанг ба ойинаи ҷомеа мемонад; агар ҷомеа мехоҳад ҳамеша чеҳраашро поку рӯшан бубинад ва бубинанд, бояд, ки ин ойинаро ҳамеша поку рӯшан нигоҳ дорад.

6

"Ё дар шаҳри азим бош, ё дар кӯҳи баланд" гуфтаанд. Ин бад-он маънӣ аст, ки ҳам ин ҷо ва ҳам он ҷо танҳостӣ...

Агар аз ҳунари сайёдӣ бенасиб нестӣ, он ҷо мурғе ё ҷонваре дигар шикор мекунӣ ва ин ҷо ҳам ба тири андеша чизеро мезанӣ.

7

Ҳар даме бо худ шудам, ба шикор меравам.

Гоҳе сайде ҳам насиб мекунад. Чуҷа.

Ва аммо ин чуҷа хӯрданӣ нест. Агар парвариш ёбад, шояд ба дидан сазад.

8

Инсони бад, агарчи лутфе ҳам мекунад, он газанда хоҳад буд.

Монанди он гули хор, ки агарчи рангу бӯй дорад, халанда аст.

*9*

Аз худ нарав. Аз худ рафтӣ, аз худо рафтӣ. Аз худо рафтӣ, аз ҳама рафтӣ.

Аз худ рафтан – гомест ба сӯи нестӣ, барои нест кардани худ.

*10*

Аз худ намон. Аз худ мондӣ, аз ҳама мондӣ.

*11*

Агар наҷунбӣ, худо ҳам аз дастат намегирад.

*12*

Зиндагӣ ҷунбиш аст; беист. Яъне ки парвоз аст. Ва аммо таваққуф, суқут аст; ҳарчанд осораш фаврӣ ошкор намешавад.

*13*

Сари инсон мисоли як кӯза аст; онро бо чӣ пур мекунад? -- оби ҳаётбахш ё заҳролуд? андешаҳои созанда ё сӯзанда? орзуҳои пурмағз ё пуч?.. ва ё холӣ нигоҳ медорад? -- соҳибаш медонад.

*14*

Инсонро инсон месозад.
Падару модар месозанд.
Дигарон, ҷомеа такмил медиҳанд.
Он хӯрок, ки падару модар хӯрондааст, кофист?
Ё худаш ҳам мехӯрад?

*16*

Накуӣ -- рӯшноӣ аст: худиву бегона, нағзу гандаро намедонад, ҳар куҷо расад, рӯшан мекунад.

17

Агарчи пушок зиёд дорад, танатонро тунуктар нигоҳ доред, то дар талоши худ обу тоб дошта бошед; агарчи хӯрок бисёр доред, гурусна монда- гурусна монда хӯред, то лаззат эҳсос шавад.

18

Гапи бад ҳам бача мекунад, гапи нағз ҳам.

Аммо як гапи бад ҷавоби даҳ гапи нағзро мегӯяд.

Намебинӣ, ки гову гӯсфанд яктоиву дутоӣ бача мекунанд, аммо сагу хук панҷтоиву даҳтоӣ.

19

Ҳам бенаво, ва ҳам бонаво, ҳангоми ифтор ранҷе доранд: яке намедонад: чи хӯрад, дигаре майна об мекунад: кадомашро хӯрад?

20

Инсон ё бандаи худост, ё бандаи нафс.

Машъалу дег ба як даст наметавон бардошт.

21

Шуҳрат, ҳамон аспи бодпост, ки савор агар ҳушёр набошад, замин хоҳад хӯрд.

22

Решаи дурӯғ тарс аст.
Дар ҳама ҳол.

23

Танз – очор ( туршӣ) аст; хӯрок нест.
Аммо хӯрок, бе очор, осон наравад.

*24*

Нависанда ҳам монанди бофанда аст. Мебофад.

Агар вай матоъ ва гилем бофад, ин китоб мебофад.

Аммо агар вай аз наххои зери дасташ бофад, ин аз торҳои асаби худ мебофад.

Тафовути дигари ин ду боз ин аст, ки: ҳангоме вай бофад, наххояш сарф мешавад, аммо вақте ин мебофад, торҳояш афзунтару тавонотар мешавад.

*25*

Мегӯянд, ки рӯза меҳмон асту бояд гиромӣ дошт.

Оре, бояд гиромӣ дошт; агар хоҳем, ки гиромӣ бошем.

Аммо дар асл, рӯза меҳмон нест, вай ҳар сол, балки пештар аз соли пешин, расида меояд. Меҳмони аслӣ -- мову шумоем, ки чун рафтем, дигар намеоем.

Ангоред, ки ин ҷаҳон хона асту ҳама русумаш – соҳибхона. Ва меҳмоне, ки гиромӣ будан мехоҳад, мекӯшад, то Хонаро сафо бахшаду соҳибхонаро шодмон кунад.

Чӣ хуш, агар то поёни меҳмонӣ, Хонаро мусаффову соҳибхонаро шод карда бошем, ки осори рафтани мо эҳсос шавад!

*26*

Ҷаҳон кӯҳна аст; мо – навем.

Чун худамон нав ҳастему кӯҳнаро ба тозагӣ мебинем, гумон мебарем, ки нав аст.

*27*

Ҷаҳон, ҷуз аз такрор, чизи дигаре нест.

Ва аммо такроре муназзамтар -- созанда будаасту такроре номуназзамтар – сӯзанда.

Бубинед: шоир то ин, ки байте муназзам кунад, ҳашт – даҳ вожаро дар даҳон мехояду мехояд, мехояду мехояд, шояд то ҳаштод – сад бор, шояд ҳам аз ин ҳам бештар.

Ин ҳашт – даҳ вожа дар забону даҳони мардум буданд, лоақал монандашон мавҷуд буд. Кори шоир ҳамин шуд, ки вожаҳои бударо такрор карду такрор кард, ва назм дод.

*28*

Омадану рафтани Офтобу Маҳтоб такрор аст.

Омадану рафтани инсон ҳам такрор аст. Аммо инсоне метавонад рафтани худро ба таъхир андозаду инсоне пеш аз вақт биравад, ҳатто пеш аз рафтанаш рафта бошад.

Агар омадану рафтани ситора такроре маҳз аст, Ҳазрати Инсон метавонад умри Замини худро дарозтар кунад.

*29*

Агар ин ҷаҳон ойина асту мо, ҳарчи дорем, ҳамонро мебинем, чаро нахоҳем ва накӯшем, ки худро ҳарчи хубтар бубинем?!

*30*

Ҳар ки͡ он чи дорад, шукр кард, бештар ёфт; агар шукр накард, бохт.

Ҳар ки͡ он чи кард, қонеъ нашуд, бештар, ёфт; агар қаноат кард, бохт.

*31*

Аз бандаи ном хайрият хезад, аз бандаи ком наҳсият.

*32*

Тавон дар сабр аст.

Он ки дорад, тавоност; он ки надорад, нотавон.

*33*

Кӯҳна, қобили шикастан аст.

Аммо пеш аз шикастан, онро бояд шинохт: то кӯҳнаро нашносӣ, навро натавон сохт.

*34*

Ҳамоне, ки шерро дандони тез додааст, оҳуро низ пойи гурез дода.

*35*

Он, ки забонаш ойинаи дили ӯст, нороҳатӣ дорад, аммо ҷои тарс надорад.

Битарс аз он, ки дилу забонаш – пушту рӯйи ойина аст.

*36*

Хун бар рӯи коғаз басо сӯзонтар аз он хуне, ки бар замин резӣ.

Барои ин бояд ки мағзро дар тобаи сару рӯғани дил доғ кунӣ, аммо барои он корди кӯҳна ҳам кофист.

Ин хун номро зинда мекунад, то он даме, ки ворисони хун зиндаанд, он хун нангро зинда нигоҳ медорад, то хундорон ҳастанд.

Инаш аз дасти мардон меояд, онаш аз номардон.

*37*

Кас он гоҳ аз худо меравад, ки аз худ рафта бошад.

*38*

Оғози сафарҳо ду навъ будааст: яке – он ки пеш аз замонҳо медонӣ, ки фалон вақт сафар дорӣ; дигаре – он ки аз пеш огоҳ нестӣ ва фаврӣ рафтан лозим меояд.

Дар ҳоли нахуст, сафар табъи дил хоҳад буд: омодагӣ дидаӣ, яъне ҳама кори ногузирро анҷом дода ва ҳар гапи заруриро гуфтаӣ; ва аммо дар ҳоли дигар, табъи дил нахоҳад буд: омода набудӣ, корҳо нокарда, ҳарфҳо ногуфта...

Пас он беҳ нест, ки ба сафари охирин пеш аз замонҳо омода бошем?..

## *Бахши севвум:*

## *Тоҷикистону Миллат*

<u>*Шавқ агар раҳбар шавад...*</u> Ба муносибате гуфтаҳои шахсиятҳое дар бораи рӯзрӯзноманигори тоҷик Мақсуди Ҳусайн (Жандаразмиён) чоп шуда буд. Ҳама суханони хубу росту дуруст. Ва аммо як маънии дуруст ногуфта мондааст.

Ва он ин аст.

Барои Мақсуди Ҳусайн рӯзноманигорӣ дастури кор нест, Дастури Зиндагӣ аст. Зиндагии Ҷавонмардона, Меҳанхоҳона, Миллатдӯстона.

Мақсуди Ҳусайн навидест аз ташшакули Миллат.

Ҳангоме вай танҳо намонд, чиҳил – панҷоҳ тани дигар ба паҳлӯяш омаданд ва роҳу равиши ӯро умумию оммавӣ карданд, метавон гуфт: "Миллати Тоҷикистон ташаккул ёфт!"

<u>*Агар ҳадаф машъал аст...*</u> Ҳудуди бист сол пеш, Мақсуди Ҳусайн дар як рӯзномаи бонуфуз кор мекард. Барои рафтори вежаи рӯзноманигориаш мавриди тамасхури ҳамкоронаш қарор дошт. Аммо вай ба хандаҳо механдид, парвое намекарду ба кори худ идома медод.

Чунки Мақсудҷон ҳадафашро рӯшан медонист, ба он имон дошт (ва дорад); ҳамеша, ҳама ҷой ва дар ҳар шароит кори худро дунбол мекунад – коре, ки нафъе бар Миллат ва Кишвари Тоҷикистон дорад.

***Ҳарчи ёфтем, аз бетарафӣ...*** Бетарафҳо ҳамеша будаанд.

Ва ҳамеша хоҳанд буд.

Ва аммо бо ин тафовут, ки гоҳе камтар мешаванду гоҳи дигар лашкар.

Ва ин бастагӣ ба он доштааст, ки сарвар дар кадом ҷиноҳ аст.

***Лаъли хому силоҳи гарм...*** Устод мегуфт:

-- Бурдани лаъли хому нафти хому алмоси хому қаҳваи хому панбаи хому амсоли инҳо, ва бар иваз додани силоҳҳои одамкуш, дар садаи бистум суннат шуд; ва ҳосил ин аст, ки инҳо намедонанд аз гуруснагӣ чи кор кунанду онҳо аз серӣ...

Ва устод дар идома гуфт:

-- Агар ин муомила дар садаи оянда ҳам идома ёбад, замин вожгун хоҳад шуд...

***Об, об нест.*** Устод мегуфт:

-- Обе, ки дар ҷӯй равон аст, об аст. Аммо он бахше, ки аз ҷӯй гирифта шуда ба берун рехтаанд, дигар об нест... Обе, ки аз коса ё ҳар зарфе дигар, рехтаанд, дигар об нест.

Одамӣ ҳам чунин аст: ҳангоме аз зарфаш берун андохтаанд, махлуқе асту бас, дар сурати одамӣ.

***Ҷавҳар куҷо шуд?*** Ин тоҷик, ки имрӯз темиртак[1] асту худаш худашро мехӯрад, замоне шамшери ҷавҳардор буд.

Он замоне, ки Соҳиб (бо ҳарфи калон) дошт.

---

[1] Темиртак – корди бедастаи зангзада.

*Он чи имрӯз дар Тоҷикистон...* Он чи имрӯз аз сари Тоҷикистон мегузарад, бисёриҳо медонанд.

Медонанду худро ба нодонӣ иезананд.

Ҷомаи кӯҳна чанд бартарӣ дорад: тан ба он хӯ гирифтааст, назарногир асту касе чашм ало намекунад; аммо наваш хароҷот дораду ташвиш.

*Оғӯши Тоҷикистон.* Вақте, пас аз 2125 рӯз, ба кишварам баргаштам, намедонистам, ки барои ҳамеша аст, ё муваққат.

Мепурсиданд, мегуфтам:

агар Тоҷикистон гӯяд, ки: "ҷоят дар бағалам!", бо ҷону дил хоҳам монд;

агар гӯяд, ки: "бирав!", бо дили капол хоҳам рафт;

агар гӯяд, ки: "дар сина мефишораму мекушамат, мабош!", бо чашми гирён меравам;

агар гӯяд, ки "кушам ҳам, нарав!", бо дили хандон мемонам...

Маслиҳат ду гуна шуд: "бирав!", "марав!"

Дудила шудам.

Ба гӯяндагон зеҳн мондам. Ва садои Тоҷикистонамро шинохтам.

Хешовандон, дӯстони наздик, фарзонагон ва яке аз давлатмардон, ки рӯзгоре ҳамкор будем, гуфтанд: "бирав!"

Ва рафтам. Бо дили гирён.

Аммо ин рафтан аз он рафтан тафовут дошт: он замон намедонистам, куҷо меравам? Ва оё бармегардам? Аммо ин замон медонам, ки ба Эрон меравам, ва умеде ҳам дорам, ки бармегардам.

*Нигоҳ аз се гӯша бар миллат.* Мавзӯи дарси Устод "Миллат" буд. Гуфт:

-- "Миллат", ба пиндори яке -- аҳли дин аст, ба гуфтаи дигаре -- аҳли қавм ва ба эътиқоди саввумӣ -- аҳли кишвар.

Вай афзуд:

-- Ҳамонеро бояд пазируфт, ки созанда бошад... Албатта ҳар се фаҳмиш созанда аст, ва аммо ақидаи саввум созандатар.

Устод рӯшантар кард:

-- Бо назардошти ҷаҳону гашти замону авзои Тоҷикистон.

*... Бозори раъй...* Раъйи худро ба савдо задан, яъне ба орду рӯғану калӯш фурухтан – танҳо таҳқиру зиштиву пастӣ нест, хеле пасттар аз инҳост: хиёнат ба маҳаллу миллату кишвар аст.

*Нафс? ё ном?* Он, ки орзӯи намояндаи Маҷлис ва ё Райиси Ҷумҳур шуданро дар дил мепарварад, часпонидани аксаш дар оғилхона, сиёҳ кардани рӯю кандани чашмонашро аз таҳи дил пазируфтааст.

Ва ин довталабон ду гурӯҳанд: ё аз худ гузаштагонанд, ё худхаридагон.

Пешорӯи мардум, дар ойинаи тамомнамо гузоштани ин ду тоифа -- вазифаи аҳли қаламу андеша аст.

Ҷавҳари афродро шинохтану бар нафъи ҳамагон ва кишвар овоз баланд кардан — рисолати мардум аст.

*Хонаи бе хушдоман...* Оне, ки хонаро бе хушдоман диду хуш шуд, ҳамин соатро дидааст.

Фардо, ки дар чоҳи нопокии хонаву бетарбиятии фарзандон бо ҳар ду пой фурӯ меравад, яке бар сар мезанаду яке ба ҷои дигар.

Аммо суд ку?

*Ҳилоли маҳ.* Бо гузашта ончунон ғарраем, ки аз худ бегона гаштаем.

Батакрор мегӯему мегӯем, ки: "ҳилоли Маҳ камони Ораши мо буд!" Аммо як бор ба андеша намеравем, ки чаро чаҳор бародар дар як хонаи меросӣ намегунҷем?

*Фарзандон дар пушти кӯҳи Қофанду хобанд...*

Оғози дарси Устод аз Тоҷикистон буд.

Мегуфт:

-- Тоҷикистон имрӯз ба шере мемонад, ки захмӣ асту танҳо, дар ҷангале торик; кафторҳои дандонгиз дар гирдаш давра гирифтаанд; ва ноумед дида дӯхта ба кӯҳи Қоф, ки аз пушти он суробе аз сапеда менамояд: фазандонаш он ҷоанд, дар хоб...

*Лабханди миллат, ё ...* Одам ё шампер аст, ё ғилофи шампер.

Шампер -- ё барои кор аст, ё барои гардан.

Шампери гардан -- ё барои душман аст, ё барои дӯст.

Ва аммо инро иқболи кишвар медонад.

*Садафи ҳофиза.* Бисёр касон мехоҳанд, ки ҷой дар садафи ҳофизаи миллат дошта бошанд. Аммо намедонанд, ки роҳ ба он ҷой – ном аст, на нафс; ва рӯшангари ин роҳ –

хизмат аст, хизматҳои дурандешона, нотарсона, бедареғ...

***Тарс, аз носипосӣ.*** Шогирдон аз ҷони Устод, ба хотири тундихош меларзиданд. Гуфт:

-- Медонам, тапшаи хунам ҳастанд, аммо чашмҳои ҳақбину забони ростгӯйро худо додааст, агар онро пӯшаму инро бикашам, носипосии неъмат хоҳад буд.

***Гармои сӯзони тирамоҳ.*** Шогирде, ки умре дар ҳузури Устод буд ва ҳар қадаму ҳар суханашро медонист, рӯзе, бо изни густохӣ гуфт:

-- Мушоҳида мешавад, ки рафторашон тундтару гуфторашон тезтар шудааст...

Устод бо андаке тааммул фармуданд:

-- Гармои тирамоҳ сӯзонтар аз тобистон аст. Мегӯянд, ки оҳу дар чиллаи тобистон тоб меоварад ва аммо дар тирамоҳ соя меҷӯяд.

Вай боз афзуд:

-- Гармои тобистон боиси рушди рустанӣ мешавад, аммо хомро ҳарорати тирамоҳ мепазонад; деҳқонон бесабаб "гармии хомпаз" намегӯянд...

***Садо аз ду даст.*** Устод аз фарду ҷамъи ҷомеа сӯҳбат мекард:

-- Бузург бар муҳит таъсир мегузорад. Ва аммо бузургро муҳит меофаринад.

Вай боз мегуфт:

-- Шарти бузург аз худ гузаштан аст, ва аммо вазифаи муҳит аст арзёбӣ кунад ва ба қадраш бирасад.

Устод ба мисол ҳам пардохт:

-- Агар ҷомеаи мо ба бузургони худ - ҳамчун Айниву Турсунзодаву Ғафуров арҷ мениҳад, пас роҳи рӯшану бузургро баргузидааст.

*__Роҳу пайроҳа.__* Дар бораи коргардони бузурги синамо Комил Ёрматови конибодомӣ (1903- 1978):

Ҳангоме Донишномаи Шӯравии Ўзбакистонро тартиб медоданд, навиштанд, ки "миллаташ тоҷик аст'' (ҷилди чаҳорум, Тошканд, 1973, саҳ.242).

Ҳангоме Донишномаи Шӯравии Тоҷик''-ро менавиштанд, гуфтанд, ки "актёр ва коргардони шӯравӣ'' (ҷилди дуввум, Душанбе, 1980 саҳ. 389).

Яъне бародарон роҳи "ҳиммат''-ро пеш гирифтанду мо пайроҳаи "фурӯтанӣ''- ро?!

*__Пӯшоку силоҳ.__* Ду ҷавон аз Тоҷикистон меҳмон буд (тобистон 1998/ 77). Фаррухзод аз нақли падараш, ки ҳамин навбат ҳаҷ рафтааст, мегуфт:

-- Домуллое аз Исфара, пуле ҷудогона ҳамроҳаш гирифта, дар Теҳрон, дар назди мағозаи пӯшокҳои кӯдакона, утубусро нигоҳ доронда, як халта пӯшок харидааст; ба тааҷҷуби ҳамроҳонаш посухи кӯтоҳ додааст, ки: "даркор мешавад''. Вақте корвон ба хоки Ироқ медароянд, ҳаҷравон мебинанд, ки мардум зиндагии баде доранд. Дар хиёбоне, ки кӯдаки бисёри нимаурён машғули бозӣ буданд, домулло утубусро нигоҳ медорад ва пӯшокҳоро миёни бист-бисту панҷ нафар тақсим мекунад. Чанде аз ҳаҷравҳо баробар гуфтаанд, ки "Домулло ҳаҷат қабул шуд!"

Дилшод гуфт:

-- Ман инро намефаҳмам, ки чаро яке аз Тоҷикистон пӯшок берун мебарад ва дигаре силоҳ дарун мекашонад?

Фаррухзод суханро сӯи шӯхӣ кашид:

-- Вақте яке чизе берун барад, дигарӣ бояд чизе дарун оварад...

<u>*Чашм агар баста бошад...*</u> Аз корҳои шоистаи "Ҷунбиш" яке ин аст, ки дарвозаи баҳсеро дар бораи дину низоми динӣ боз кардааст.

Баҳскунандагон, ҳарчанд роҳи манзили мақсудро ҳанӯз нағзу дуруст рӯшан накардаанд, аммо ҷойгоҳи муҳимеро дар таърихи ҷомеаи мо бо ҳамин ибтикорашон ишғол намудаанд.

Ҷои таааҷҷуб, ҳатто нигаронӣ -- ин аст, ки нашрияҳои дигар ба даҳан об гирифтаву ба гӯш пахта хастаанд. Дар ҳоле, ки ин Миллату Кишвар масъалаи зиёд дорад – чунончи дар бораи фарҳанг, одоб, мактабу маориф, бозор, таърих, табаҳкорон...

<u>*Чашми виҷдон.*</u> Ба ростгӯёну додхоҳон гоҳе механданд: "роҳи зиндагиро намедонанд; аз ин мондаву аз он рэнда..."

Агар чашми виҷдон пӯшида аст, аз куҷо донанд, ки: шаб аст ё рӯз? Шир сафед аст ё сиёҳ?.. Асокаш ҳар чи хоҳад, ҳамонро такрор хоҳад кунанд.

<u>*Меваи шинохт.*</u> Ду тан аз бузургони тоҷикро бисёриҳо мешиносанд: ҳар ду, бо амри сарнавишт, дар ятимхонаи Шӯравӣ парвариш

ёфтанд, бо духтарони бегона хонадор шуданд, чун сутуни адабу фарҳанги муосир обрӯ гирифтанд.

Тифоқо, яке аз авлоди хос буду азиятдида, дигаре аз ом буду гули сари сабадгашта.

Якумӣ пайваста дар андешаи он буд, ки: "чаро ҷомеа таҳқираш карда?" Дуввумӣ ҳамеша табли шодӣ мезад, ки: чӣ будаму кӣ шудам?!"

Фарзанди якумӣ дар канори падар буду рӯи бурёи андеша ҳамнишасти ӯ. Ва худро шинохт. Ва баланд шуду камар баст, то шинохти худро бишиносонад: чӣ гавҳар аст? аз кадом садаф аст? ва аз кадом дарё?.. Вай, ангор, озарахшест, ки ба ҳар замоне як гӯшаи осмони торикро рӯшан мекунад.

Фарзанди дуввумӣ ҳам дар канори падар буду бардошти ӯро бардошт. Вай ба ин натиҷа расид, ки "ин ҷо ман фарзанди фалонӣ ҳастам, аммо дар ҷои дигар худам фалонӣ хоҳам буд". Ва бархосту доман афшонду рафт. Ва чунон рафт, ки гӯё сангчае буд – андохта ба дарё.

*Чӯбдаста.* Мавзӯи дарси Устод Замон буду Тарбият. Мегуфт:

-- Вақте бача будему гов ба пода мебурдем, медидем, ки ба гардани гови саркаш чӯбдаста мебанданд. Агар намебастанд, мегурехту полези одамонро вайрон мекард... Имрӯз ҳам дар ҷойҳое пода ҳаст, аммо гумон намекунам, ки одати чӯбдаста ҳам бошад.

Устод аз тамсил ба ҳадаф гузашт:

-- Бача, ангор, гови пода аст. Он замон моро бо чӯбдаст адаб мекарданд. Мо дар замони худ, ҳамаро раҳо кардем. Ин замон, ки баъзе говон полези мардумро тороҷ мекунанд, аз он аст, ки ба гардани худ чӯбдаста надидаанд.

*Одами фоқид аз гавҳар мешавад...* Бону Пурони Фаррухзод аз эрониёне, ки меҳанро тарк кардаанд, бад мегуфт.

Ҳамин маъниро дирӯз дар номаашон устод Бозор Собир ҳам ишора кардаанд. Ба ёд тамсиле аз гуфтаҳои Устод расид:

-- Дарё ҳар хасу хошокро берун меафканад, аммо гавҳарро дар мағзи садаф мепарварад ва онро дар аъмоқи худ нигоҳ медорад...

Устод ин суханро ҳам афзуда буд:

-- Ва аммо на ҳар дарё метавонад гавҳар парварад...

*Шараф бо кист?* Шараф бо ватандор аст, на бо фирорӣ.

Ватан, ангор, падар аст; падаре сахтгир асту гоҳе бемору ҳазён мегӯяд. Чун худро намедонад, ҳар чи мегӯяд, ҳатто ғазаб мекунад.

Ва аз фарзандон, яке роҳи гурез пеш мегирад, аз тарси ҷон; дигаре дандон ба дандон мегузораду "ҳар чи бодо, бод!", бардошт мекунад, чунки вай падар асту худ ворис.

*Бори виҷдон вазнин аст.* Аз устод Қаноат пурсидам:

-- Агар дар солҳои душвори Тоҷикистон шумо раиси Иттиҳодияи Нависандагони Тоҷикистон будед, чи кор мекардед?

-- Пеши раиси додгоҳ мерафтам: ё маро ҳам зиндон кунанд, ё Бозорро озод.

*Арзёбӣ?* Дар соли чоҳорум аз ғурбат Беҳрӯзро Тоҷикистон фиристодам. Боғча ҳам

рафтанаш лозим буд. Рафту омад ва ин хабарро овард:

-- Дар боғча ҳар буду нобудро, аз палосу қолӣ сар карда, то косаву қошуқ, бурдаанд, он чи мондааст, ҳамин акси устод Бозор Собир аст.

Он солҳо, ки миллат бедор мешуд ва Устод пешраваш буд, акси ӯро, дар ҳоли нишаста ва андешаманд дар миёни лолазоре, болои тақвим чоп карда буданд. Ва аз он тақвим дар ҳуҷраи кории ман ҳам буд.

Надонистам, ки duzдон беарзиш донистаанд, ва ё беш аз ҳад арзишманд: охир, Бозор Бозор аст, қаҳрамон.

*Ду раҳбаршав.* Устод аз кишвару иқбол ва сарвару нафс сухан мегуфт.

Ду нафар аз ду кишвар хост бар сари миллати бесоҳиби худ раҳбар шавад.

Аз қазо, ҳар ду ҳам аз кишвар ҳиҷрат кард.

Яке пайваста дар ғами миллату кишвар буд, хонаро гарм намекарду бо нони хушк қаноат менамуд, чаро ки миллаташ ранҷи сармову гуруснагӣ мекашид.

Дигаре ҳамеша дар ғами худ буд, асалу рӯғани зардро аз кишвараш мекашонд, ки тандуруст бошаду мағзаш нағз кор кунад.

Устод натиҷа гирифт:

-- Худованд раҳми миллати якумро хӯрда ва иқболашро додааст ва аммо бар миллати дуввум ғазаб карда ва иқболашро задааст.

*Се гавҳар.* Устод пурсид:

-- Чаро кӯҳро "бузургвор" мегӯянд, рӯдро "рӯшноӣ" мехонанду забонро "модарӣ"

меноманд? Ва ин серо муқаддастарин мешуморанд?

Ва худ посух дод:

-- Чаро ки ин се гавҳар моро бо гузаштагонамон, яъне онҳое, ки сад сол ҳазору ҳазорон сол пеш дар ҳамин марзу бум гузаштаанд, мепайванданд; ҳамаи гузаштагони моро ҳаминҳо медонанд.

Вай боз афзуд:

-- Ин се гавҳар моро бо ояндагонамон ҳам мепайванданд. Ин се мисдоқи риштаи сетобаест, ки наслҳоро дар ҳамел дармекашад. Ва наслҳову одамон ба мӯҳра мемонанд – чи дурру лаъл, ва чи марҷону хармӯҳра.

*__Захми дандон.__* Гуфтанд, ки дар майдони маркази шаҳри Тошканд тандиси Амир Темурро дуруст карданд. Дар маросими пардабардорӣ раҳбарон ва намояндагони ҳамаи вилоятҳои Узбакистонро даъват намуданд.

Раҳбарону намояндагони Хоразм ҳам омаданд. Аммо дар меҳмонхона монданд, ба майдон нарафтанд.

Дандони зулми соҳибқирони ланг дар устухони Хоразм ба андозае нишаста, ки ҷони ин сарзаминро ҳанӯз ҳам ба дард меоварад.

*__Ватану забон.__* Мегӯянд, ки дарахти ҳувияти одамӣ ду реша дорад:

Яке – Ватан,

Дигарӣ -- забон.

Яке ба ҳукми падар аст ва дуввумӣ -- ба ҳукми модар.

*__Дилеву ҳавое.__* Устод Лоиқ гуфтааст:

То най соҳиби забони хеш,
Нашавӣ соҳиби ҷаҳони хеш.

Барои шеъпараст, ин шеър нест, ва аммо барои ватанпараст, беҳтарин шеър аст.

*__Худхоҳӣ аз худшиносӣ дигар аст...__* Саидмуҳаммад чанде аз ин навиштаҳоро хонду дар бораи баъзе гуфт:

-- Инҳо намешаванд; агар ман сардабир будам, ҳатто дар рӯзномаи деворӣ ҳам ҷой намедодам.

Пурсидам:

-- Аз рӯи хони пурнеъмат интихобан, яъне аз рӯи мизоҷу завқу андоза ва тибқи замону маҳал мехӯред? Ва ё аз як сару ҳамаро?

-- Албатта, ки интихобан ва ба андоза.

-- Бисёр хуб. Боқиро меандозед? Ё барои вақти дигар ва ё дигарон нигоҳ медоред?

-- Албатта, ки намеандозам.

-- Дуруст. Хонандаи тоҷик ҳам танҳо як нафар нест, худоро шукр, бисёранд; ва дар мизоҷу завқу дараҷаи донишу эътиқод ва синну солу касбу кор ... яксон нестанд.

*__Давлат, яъне хидматгузор аст.__* Устод аз ҳукумат ва давлат сӯҳбат дошт. Мегуфт:

-- "Давлат" он аст, ки бар мардум андешаду бар давлати вай афзояд; ва аммо "ҳукумат" он аст, ки бар худ андешаду бар заҳмати мардум афзояд.

Вай идома дод:

-- Ба таърих нигоҳ кунед: Сомониёнро, ки фикру зикри аъмолашон амну осоиши мардумон буд, "Давлати Сомониён" мегӯянд; ва аммо хонадонҳое, ки пешаашон куштану

сухтану тороҷ буд, "ҳукумати ғазнавиён", "ҳукумати салҷуқиён", "ҳукумати..." мегӯянд.

*<u>Обу ҳавои миллат.</u>* Имрӯз "об"-и миллат "гузашт" асту "ҳавояш"-- амният.

Агар ҳамватан бар ҳамватани худ бахшида тавонад, ва агар ҳукумат амниятащро баҷой оварад, метавон гуфт:

Муборак бод ин иқбол!

*<u>Худаш донад, ки вай бо кист!</u>* Яке бо номи Худо шамшер мезанад.

Дигаре Худоро дар гӯшаи масҷид меҷӯяд.

Саввумӣ бо худо дар курсии ҳукумат гуфтугӯ кардан мехоҳад.

Чаҳорумӣ дар канори дармондагон асту аз Худо имдод мепурсад.

Танҳо худаш медонад, ки Вай бо кист?

Аммо дили ҳамоне рӯшантар, ки ба хотири Худо, бандаи вайро наёзурдааст.

*<u>Дарди баду давои бад.</u>* Ин дафтар суханҳои газанда ҳам дорад.

Аммо ҷуз аз сабру бардошт, чораи дигар нест.

Тавоноии ҷомеа бо сабру бардошташ сангу тарозу мешавад.

Дар ривоятҳо зиёд омада, ки паҳлавонон дандон ба дандон мемонанду захми худро доғ мекунанд.

Миллати мо имрӯз ҳамон паҳлавони захмист.

Бояд ки захми худро мардона доғ кунем!

Чорае дигар нест!

*Кирми худ.* Меваро кирм нобуд мекунад. Кирме ки аз даруни худ пайдо кардааст. Пайдо шудани кирму нобуд гаштани мева, бастагӣ ба боғбон дорад.

Агар дар паҳлӯи кирм, боғбонро ҳам иштиҳо ояд, ин кирм на танҳо мева, балки боғбонро низ нобуд хоҳад кард.

Вале агар асби нафсро зин кунаду шамшери мурувват ба даст гираду бар ҷанги кирмон бархезад, ҳам давлаташ зиёда, ҳам умраш дарозу ранги рӯяш сурх хоҳад буд.

*Мунтақид ҳам ҷарроҳ аст...* Ҷомеаи мо имрӯз гирифтори дард аст. Дарде, ки дармон нашавад, ба саратон – дарди бедаво мерасонад.

Ҷомеаи мо ниёз ба мунтақидони поку бебоке дорад, ки монанди ҷарроҳони заррабину чобукдаст амал мекунанд.

Ҷарроҳоне, ки ба ҷои гандидаи бадан бебокона теғ мезананд. Бо нияти пок.

*Девори Бухоро буд Исмоили Сомонӣ...* Он рӯзгор он бузургмард зуҳур карду девори миллаташ шуд ва ҳазору анд сол бақояш бахшид.

Акнун, ба гӯзашти замону нафаси бадхоҳон ин девор заҳ кашидаву қавми он пешво гирифтор омада. Ва ниёз ба нардбони наҷот дорад.

Ва ин нардбон, ному кори Пешвост. Яъне ки ҳар фарде аз барои худ онро силоҳ карда бошад.

## *Пурсупос бо Устод.*

*1*

-- Чаро ҷоҳпарасту сарватпарасту шуҳратталаб бисёранд, аммо меҳанхоҳ ягон-ягон?

-- Барои он ки нафъ аз ҷоҳу шуҳрат ва монанди инҳо фаврӣ аст, ба зудӣ ва осонӣ эҳсос мешаванд, ва аммо Меҳанро бо ақл бояд шинохт; танҳо онҳое, ки худованд ақлу фаросат додааст, медонанд, ки умр гузарост ва ғами оянддагонро бояд хӯрд; ғами номи худро бояд хӯрд; барои дарки ин
воқеият ақл зарур аст, ки амну осоишиояндагон ва ҳифзи ном ҳам ба бақои Меҳан бастагӣ дорад.

*2*

-- Омрико, худ кишвари дурусту ҳисобӣ нест; чунончи одобу ахлоқу фарҳанги хуб надорад. Ва аммо дар ҳар гушае аз дунё ҳадафе дораду асосан муваффақ ҳам мешавад. Далели ин муваффақият кадом аст?

-- Сабаб дар мағз аст. Омрико садҳо дастгоҳу пажӯҳишгоҳ дорад, садҳо ҳазор фарди махсус дорад, ки бо таҳлили раванди сиёсиву иҷтимоиву иқтисодиву фарҳангии ҷаҳон пайваста машғул мебошанд. Мағзҳои фирории кишварҳои дигарро дар хоки худ ҷой медиҳад, бо донишмандони беруна ҳамкорӣ мекунад; дидаву дониста, ба гуногунандешӣ роҳ медиҳад, барои рушди ақидаҳои мухталиф шароит фароҳам меоварад. Дар натиҷаи баррасиҳои мукаррар ва ҳисобшуда, аз даҳҳо роҳи падидомада беҳтаринашонро мегузинад; магар нагуфтаанд, ки "ҳақиқат дар баҳс падид меояд"?

Иштибоҳи усулии Шуравӣ ҳам дар ҳамин буд, ки ба ақидаҳои гуногун роҳ намедод, танҳо ба КГБ такя мекарду бас. Ва аз ин душманон сӯиистифода карданд. Ёд доред, ба маслиҳати дурусти академик Сахаров А.Д., ки ҷанги Афғонистонро нодуруст медонист, гӯш надод? Дар ҳоле, ки вай бузургтарин донишманди худашон буд, дар силоҳи ҳастаии Шуравӣ даст дошт, се карат Қаҳрамон буд.

Рушан аст, ки мағз агар кор накунад, даст хона хоҳад сӯхт, фарқе ҳам надорад, ки хона аз кист: аз худ, ё аз бегона.

*3*

-- Феъли зиёиёни тоҷикро ба сангпушт монанд кардаанд, оё дуруст аст? Агар дуруст аст, сабаб чи буд?

-- Дуруст аст. Мисолаш ҳамин дирӯз рух дод: ҳангоме мардум барои додхоҳӣ ба дари раёсати ҷумҳурӣ омаданд, зиёиёни мо сар дарун кашиданд.

Ин тарсуӣ дар тундбодҳои таърих реша дорад. Ба ҳафт решаи ин дарахт нигоҳ кунед: дар зарфи сад соли ахир зиёиёни тоҷик, камаш ҳафт бор бераҳмона террор шудаанд:

1 -- дар солҳои 1917 - 18, ки "ҷадидкушӣ" ном дорад ва фатвои онро амир Олимхон, зери фишори муллоҳои ақибмонда содир кард;

2 -- дар солҳои бистум, ки пантуркистҳо, бо раҳбарии Файзуллохоҷа, анҷом доданд;

3 -- дар солҳои сиум, ки бо номи "душмани халқ" ва "сегона" (тройка) дар таърих маъруф мебошад;

4 -- дар замони ҷанги ҷаҳонии дуввум раҳбарони зиддимиллии Тоҷикистон муваффақ

шуданд, то гули сари сабади ҷомеаро ба дами тӯпи фашистон фиристонанд;

5 -- дар солҳои шастум, ки бо номи “чакка” ва “говсуд” ба таърих ворид шудааст;

6 -- дар солҳои ҳаштодум, ки ба ангезаи “дӯстии халқҳо”, ҳатто ба Бобоҷон Ғафуров тамғаи “олими буржуази”-ро часпонданд (масалан, дар маҷаллаи “Гулистон”);

7 -- дар солҳои навадум, ки дастҳое аз даруну берун гурӯҳеро куштанду чандеро зиндон карданду бахшеро ронданду қисмеро фиреб доданду бақияро ҳам тарс...

*4*

-- “Рӯшанфикр” ва “зиёӣ” яке ҳастанд? Ё не? Агар яке нестанд, чӣ тафовут доранд?

-- Яке нестанд. “Зиёӣ” – таҳсилкарда асту бас. Аммо “рӯшанфикр” – донову озода. Ҷаҳонбинии вай маҳдуд асту худ пойбандиҳои зиёде дорад, аммо ин танҳо ба идеали олӣ пойбанд мебошад. Вай ҳама кӯшишҳояшро барои худашу наздиконаш ба харҷ медиҳад, ин худро барои хидмати миллату кишвар вақф кардааст (монанди Айниву Ғафуров). Давлат агар бо рӯшанфикр ёр гардад, иқболи кишвар гул мекунад, ки мисолаш Рӯдакӣ асту амирони Сомонӣ ва давлати рашки замон Бухоро; вале агар давлат маслиҳати рӯшанфикрро напазираду мухолифат варзад, оқибати ин ихтилоф заволи кишвар хоҳад буд, ки мисолаш аз дирӯз – муносибати Маҳмуди Ғазнавӣ бо Ҳаким Фирдавсӣ аст, аз имрӯз – амалкарди ҳукумати Шӯравӣ бо маслиҳатҳои Сахаров, Лихачев, Солженитсин...

*5*

-- Оё Тоҷикистон сазовори ситоиш ҳаст?

-- Албатта, ки ҳаст. Агар мехоҳем, ки фарзандонаш дӯст дошта бошанд.

-- Ба унвони кӣ? -- ҳамчун маҳбубаву ҳамсар? ё хоҳару модар? ё...

-- Тоҷикистон чун маъшуқа гуворост, чун ҳамсар ҳамдам, чун хоҳару модар меҳрубон. Ва аммо бештар ба падар мемонад -- падаре, ки донову дурандешу сахтгир аст ва эҳтиромаш воҷиб асту қарз. Дӯст доштану лаззат бурдану роҳат кардан вазифа нестанд, балки вазифаи ҳар инсон -- супоришҳои падарро гӯш додан, фарзандвор хизмат кардан аст, номбардори шоиста будан аст.

*6*

-- Баъзе аз ҳамфикрону ҳамнабардон ноумед шудаанд, ки танҳову ноком мондаем...

-- Дар ҳалли мушкилот раҳнамой кори оқил асту ҷанг кори ҷоҳил; агар тоифаи дуввум пирӯз шуд, боке нест, он барои муваққат аст, на ҳамеша: аз коғаз ҷома метавон дӯхт, аммо наметавон пӯшид.

*7*

-- Ғарибнавозӣ ҳунар аст? Ё ҳиммат?

-- Ҳар ду.

-- ...

-- Агар ҳунар набуд, аз дасти ҳама кас меомад; агар ҳиммат набуд, ҳар кас дошта метавонист.

*8*

-- Аз замони пайдоиши ислом, ва шояд аз он ҳам пештар, баҳс миёни шамшеру қалам будааст. Оё дарвоқеъ, ин ду ихтилоф доранд?

-- Ихтилоф ва ё иттифоқ дар миёни шамшеру қалам ба замону замондорон бастагӣ

хоҳанд, миёни он ду иттифоқ падид хоҳад омад, яъне: қалам бедодиро ошкор мекунад ва шамшер онро аз бунёдаш мебардорад; вале агар замондорон бепарво бошанд ва ё, худой накарда, худ ба шамшер такя кунанд, миёни он ду ихтилоф пайдо мешавад, шамшер худ бедодӣ мекунад ва дасти қаламдор ҳам кӯтоҳ хоҳад гашт.

*9*

-- Баъзеҳо шуморо дар кишвар ғоибона "душман" гуфтаанд. Посухи худатон чист?

-- Баҳояшон бештар нодурусту андаке ҳам дуруст. Ба ин маънӣ, ки зинҳор душмани кишварам нестам; вале ҳангоме роҳбараш гоме бармедорад, ки хатарофарин аст, наметавонам дӯсти чунин раҳбар бошам.

*10*

-- Мегӯянд, ки ҳар касе орзуҳо ва орзуи асосӣ дорад, орзуи асосии шумо чӣ бошад?

-- Мехоҳам он гоҳ, ки фариштаи аҷал ба суроғам меояду мехоҳад маро бо худ бибарад, ҳама вазифаи меҳмониро анҷом дода, ва ҳеҷ дилкашолие дар ин меҳмонхона надошта бошам.

*11*

-- Чи ҳикмат аст, ки дидаву дониста худро ба дами теғ мезанед?

-- Бо умеде, ки дами теғ аз ман кундтар шаваду бехи Тоҷикистон дар амон монад.

*12*

-- Суханҳои пасту баланд дар ҳаққи шумо зиёд мегӯянд, аммо аз рафтору гуфтори худ даст намекашед...

-- Мастӣ ба нахустбода сахт аст,
Афтидани нофитода сахт аст.

Ман ки нахустбода нестам, борҳо хуми майро то дурдаш дам кашидаам; ва дасту пой ҳам шикастаам...

-- Бубахшед, аз гардан наметарсед?

-- Он ки дасту пойро додааст, аз гардан наметарсад.

## *Аз ҳошияи дарсҳои Устод*

*1*

Агар гумон мекунанд, кишварро бе иштироки рӯшанфикрон ҳам метавон сохт, тамасхур ба имрӯзи кишвар кардаанду туф ба фардояш.

Дар шаби торик, ҷуз аз кори сиёҳ, боз чӣ метавон анҷом дод?!

*2*

Кишваре, ки омӯзгору устоди донишгоҳаш мардикор асту зану духтаронаш бозорӣ, -- фардо надорад.

Кӣ гуфт, ки хона бе сутуну бом "ободӣ" аст?

*3*

Қавме, ки шарафи миллатро наёфтааст, ба шатак мемонад; шатаке ки дар масҷиду меҳмонхона ҳар ки хоҳад, ба пой мекашад; ва ё ба даре мемонад; ки болодарӣ бо паҳлӯдарӣ носоз асту таҳдарӣ бо ҳар ду дар ситез.

*4*

Ҳар фарде аз аҳли Тоҷикистон, агар намехоҳад пеши оянддагон бо ҳувияти шикастаи худ бадном шавад, бояд бо дасту дандон Тоҷикистонро нигоҳ дорад.

Қадами нахустин ва ҳалкунанда дар ин кори шарофатмандона – таваҷҷуҳ аст ба мактабу Донишгоҳ.

Агар раҳбар хоҳад, ки оядагонаш гурусна намонанд, бояд худ нахўраду муаллимро хўронад; агар коргару деҳқон нахоҳад, ки оядагонаш мардикорӣ дар кишварҳои бегона ғариб шаванд, бояд ки худ напўшанду муаллимро пўшонанд.

Ва омўзгор ҳам агар мехоҳад сарнавишти талхашро оядагонаш набинад, бояд ки он чи медонад (ва ҳатто намедонад), ба шогирдон омўзад.

*5*

Ин ҷои тааҷҷуб надорад, ки даргирии Тоҷикистон аз ҷудоиандозӣ пеш омад.

Аммо тааҷҷубовару дарднокаш ин аст, ки бисёре аз ҷудоиандозон ҳанўз сабақ нагирифтаанд ва ҷудоиандозиро ошкору ниҳон идома медиҳанд, ҳарчанд худашон аз ин бозии шум сўхтаанд.

*6*

Агар кишварсозӣ бо сухан буд, мардум заҳмати ҳалворо намекашиданд, -- "ҳалво" мегуфтанду бо коми ширин мегаштанд.

*7*

Агар раҳбарӣ аз дасти нодон меомад, ҳоҷат ба барзагов набуд; бо буз хирман мекўфтанд.

*8*

Агар лошахўр набуд, тааффун рўи заминро мегирифт.

Аммо ин чунин маънӣ надорад, ки зиндагӣ бе табаҳкор хароб мешавад: миёни

лошахўр ва табаҳкор фарқ ҳаст -- вай лоша мехўраду ин лош мекунад.

*9*

Оғози сада барои тоҷикон сарнавиштсоз набудааст: хуни рўшан фаровон рехта шуд, давлатамон аз даст рафт, барои таъсиси як ҷумҳурии хурди худмухтор чӣ машаққатҳо кашидем, чӣ сарҳо бохтем...

Оғози садаи навин сарнавиштсоз мешавад?

Ин бастагӣ дорад ба фикру зикр, ба кирдору рафтори ҳар як баччаи Тоҷикистон – сарфи назар аз қавмияту нажодаш, забону мазҳабаш...

Ин бастагӣ дорад ба ҳар фарди тоҷик – сарфи назар аз ин ки дар кадом гўшаи дунё басар мебарад...

*10*

Ҳукуматдорӣ сиёсат асту мардумдорӣ --- ҳиммат.

Агар ин ду дар як фард гирд ояд, иқболи миллат гул мекунад.

*11*

Ҳиммат аз дили соф мехезад.

Гулмоҳиро дар оби лой кӣ дидааст?!

*12*

Миллатпарастӣ ҳусн асту гувоҳ аз камоли маънавии инсон.

Бо шарте, ки ба бадбинии миллатҳои дигар набарад.

*13*

Ҷаҳонро метавон монанди як хона дид, ки дар ҳар як ҳуҷрае аз он миллате сокин аст.

Агар ҳуҷрае хароб гашт, ҳуҷраҳои дигар осеб намебинанд?

*14*

Дар оддитарин ҷанги аҳли хонавода косаву пиёла мешиканад; агар асби ҷаҳлро савор шуданд, шикастани дару тиреза ҳам дур нест; агар асабро маҳмез доданд, хона ҳам фурӯ хоҳад рехт.

Хона мисдоқи кишвар аст.

*15*

Решаи миллатшиносӣ -- худшиносӣ аст ва шоху баргаш – маҳалшиносӣ.

Ба шарте, ки ин шоху барг бар дигар ниҳолони бӯстон соя наяфканад.

*16*

Бузурге даргузашт. Бораш дар роҳ монд. Ва фаромӯш шуд.

Нобузурге даргузашт. Наздиконаш борашро бурданду "бузург" ҷилва доданд.

Ин барои он падид омад, ки соҳиби бузургон – Миллат, -- ба дунё наёмада буд.

*17*

Агар Бобоҷон Ғафуров Тоҷикистон сохта хушном монда ва унвони олии Қаҳрамониро гирифтааст, ба шарофати он буда, ки аз домони қаҳрамонони воқеии фарҳангӣ: Айниву Турсунзода дудаста доштааст.

Агар раҳбарони баъдӣ кишварро ба вартаи нобудӣ кашидаанд, сабаби асосӣ ин буда, ки даст ба домони бепадарон задаанд.

*18*

Дасти табаҳкорро кӯтаҳ кардан напояд. Бачаи ноқисро нобуд намекунанд; аз пайи дармонаш мешаванд.

Кори хирад аст, ки ақли хуфтаи табаҳкорро бедор кунад.

*19*

Агар ба табаҳкор фаҳмонда тавонанд, ки афъии табоҳӣ пои худашро низ хоҳад газид, аз кирдораш даст хоҳад кашид.

20

Ақидаи росту дуруст ба машъал мемонад.

Ин ба он маънист, ки барои бардоштани машъал, даст лозим аст, дастони тавонманд.

Ва ин дастони тавонманд давлат асту мардум.

Дирӯз рӯшан дидем, ки ин машъал бардошта нашуду поймол гашт. Ва мазаи торикиро муддатҳост, ки мекашем.

*21*

Озодае бори ғурбат натавонист кашид, ва баргашт. Пас аз муддате ҳолаш пурсиданд. Гуфт:

-- Ба дунёе, ки мардонаш асо аз
кӯр медузданд,
Ман аз хушбоварӣ он ҷо муҳаббат
ҷустуҷӯ кардам.

*22*

Ҳолам ёди Шавкат дорад – шоире, ки дар Бухоро зода шуду дар Исфаҳон зист, ва дар миёни ду каҳрабо мепечид:

Рӯям ба сӯи ғурбату дил ҷониби Ватан,

Афтода коҳи ман ба миёни ду каҳрабо.

*23*

Дардҳои мо яке нестанд, зиёданд, чунончи: раҳбар ҳамабину рӯшанфикр дурбин не, вазир курсибину райис пулбин аст, дарди маҳалгароии рӯзноманигор ҳанӯз дармон нашудааст. Дарвоқеъ:

Агар дардаш яке будӣ, чӣ будӣ?!
Ва гар ғам андаке будӣ, чӣ будӣ?!..

*24*

Дар ҷомеае, ки давраи бачагиро басар мебарад, фарзандонаш барои нишону медал талош мекунанд, аз эътои унвон шод мешаванд.

*25*

Хиёнат ҳам дараҷа дорад: ба дӯст, наздикон, падару модар...

Аммо баландтаринаш ба Миллат ва Кишвар аст.

Ҳама навъи хиёнат шусташаванда аст. Ба ҷуз аз Миллату Кишвар, ки ҳаргиз ҷуброн надорад.

Намебинед, ки як рӯи Фитрат ва ҳар ду рӯи Файзуллохоҷа сиёҳ аст; барои ҳамеша, то даме, ки як тоҷик дар рӯи замин ҳаст.

# صد و یک اندیشه

رحیم قبادیانی